Бо фармони Директори ЧСДММ
«Спитамен Суғурта»
аз «08» 01 2021 сол, № 08/21
"ТАСДИҚ ШУДААСТ"

# ҚОИДАИ СУҒУРТАИ ИХТИЁРИИ ВОСИТАҲОИ НАҚЛИЁТИ АВТОМОБИЛӢ

Душанбе – 2021

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.1. Қоидаи суғуртаи ихтиёрии воситаҳои нақлиёти автомобилӣ (минбаъд «Қоида» ё «Қоидаи суғурта» номида мешаванд) мутобиқи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ” ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шуда, шартҳоеро дар бар мегирад, ки дар асоси он Суғуртакунанда бо Суғурташаванда шартномаҳои суғуртаро ба имзо мерасонанд.

## 2. МАФҲУМҲОИ АСОСӢ

**суғурташаванда** – шахси воқеӣ ё ҳуқуқие, ки бо ташкилоти суғуртавӣ шартномаи суғуртаро бастааст.

**мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ)** – маблағи пулии дар шартнома дарҷшуда, ки онро суғурташаванда ухдадор аст ба ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) бо тартиб ва дар мухлатҳои дар шартномаи суғурта муқарраргардида пардохт намояд.

**маблағи суғуртавӣ** – маблағи пулие, ки ба он объекти суғуртавӣ суғурта карда шудааст ва он ҳаҷми ниҳоии масъулияти ташкилоти суғуртавиро (азнавсуғуртакуниро) ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ дар бар мегирад.

**ҷуброни суғуртавӣ** – маблағе, ки ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) тибқи шартномаи суғуртавӣ ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ барои пӯшонидани зарари ба молу мулки суғурташуда расонида пардохт менамояд.

**пардохти суғуртавӣ**– маблағи пулӣ, ки ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) ба суғурташаванда (фоидагиранда) дар доираи маблағи суғуртавӣ ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ ба шахси суғурташуда мепардозад.

**полиси суғуртавӣ** – ҳуҷҷате, ки воқеияти баста шудани шартномаи суғурта ва тибқи талаботи шартномаи мазкур мавриди амал қарор гирифтани ухдадориҳои ташкилоти суғуртавиро оид ба пардохти ҷуброни суғуртавӣ (пардохти суғуртавӣ) тасдиқ менамояд.

**ҳодисаи суғуртавӣ** – воқеае, ки ҳангоми рух додани он ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) тибқи қонун ва шартномаи суғурта бояд пардохти суғуртавиро (пардохти ҷуброни суғуртавиро) анҷом диҳад.

**тарифи суғуртавӣ** – арзиши воҳиди рӯйпӯшкунии суғуртавӣ.

**суғуртакунанда** – Ҷамъияти суғуртавии дорои масъулияти маҳдуди «Спитамен Суғурта», ки дар асоси иҷозатномаи аз тарафи мақоми назорати суғуртавӣ дода шуда фаъолияти суғуртавиро ба амал мебарорад.

**санади муоинаи пеш аз суғурта** – ҳуҷҷатест, ки аз тарафи намояндаи Суғуртакунанда тартиб дода шуда, аз ҷониби ҳарду тараф имзо карда мешавад ва маълумотҳои зеринро дар бар мегирад:

– сана, вақт ва ҷойи анҷом додани муоинаи пеш аз суғурта;

– маълумот дар бораи ВН, мутобиқатии рақамҳои воситаи нақлиёти воситаи нақлиётӣ ва агрегатҳои он ба қайди ҳуҷҷатҳои пешниҳодгардида (рақами бақайдгирӣ, рақами мушаххаси VIN, рақами кузов, рақами рама, рақами муҳаррик ва амсоли онҳо);

– маҷмуъи ВН, мавҷудияти таҷҳизоти иловагӣ;

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

– дар ВН мавҷуд будани вайрониҳо, нуқсонҳои истифодабарӣ;

– мавҷудият, намуд, хусусият, дараҷаи мураккабӣ, андоза ва ҷойгиршавии нуқсонҳои садамавӣ, нуқсонҳо.

**франшиза** – қисми зарари дар Шартномаи суғурта пешбинишудаи Суғурташаванда (Фоидагиранда), ки аз ҷониби Суғуртакунанда ҷоизи ҷуброн нест. Агар шарти дигар бо Шартномаи суғурта пешбинӣ нашуда бошад, франшизаи ғайришартӣ (тарҳшаванда) дар шакли фоиз аз маблағи суғуртавӣ, инчунин дар ҳаҷми пурра муқаррар карда мешавад.

**франшизаи ғайришартӣ** – зарари (қисми зарари) Суғурташаванда (Фоидагиранда), ки дар натиҷаи фарорасии ҳодисаи аломати ҳодисаи суғуртавӣ дошта ба вуқуъ омада, аз ҷониби Суғуртакунанда ҷуброннашаванда мебошад. Ҳангоми франшизаи ғайришартӣ ҳама гуна зарари Суғурташаванда (Фоидагиранда) ба шарти кам будан аз ҳаҷми муқаррарнамудаи Шартномаи франшизаи катъи, ҳодисаи суғуртавӣ дониста намешавад. (масъулияти Суғуртакунанда бо ҳаҷми зарар ва тарҳи франшиза муайян карда мешавад).

**франшизаи ғайришартӣ -** нисбати таваккали «Пурра несту нобуд гардидан» ва «Дуздида бурдан» татбиқ карда намешавад.

**зарари қисман** – таваккали нуқсондоршавии ВН суғурташуда ва\ё таҷҳизоти иловагӣ дар натиҷаи рух додани ҳодисаи суғуртавӣ, ки ҳангоми он арзиши таъмири барқароркунии он аз 75% маблағи суғуртавӣ аз рӯи таваккали мазкур зиёд набошад.

**ронанда** – шахси воқеие, ки дар шартномаи суғурта хамчун шахси ба идоракунии ВН роҳ дода шуда ишора шудааст ва онро дар асоси қонун идора мекунад, инчунин дорандаи шаҳодатномаи ронандагии шакли муқарраршуда оид ба идораи воситаи наклиёт мебошад.

**шартномаи суғурта** – шартномае, ки тибқи он Суғурташаванда ва Суғуртакунанда, ки тибқи он Суғуртакунанда уҳдадор мешавад ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавии бо Шартнома пешбинишуда маблағи бо шартнома муайянгардидаро ба Суғурташаванда (Фоидагиранда) дар доираи маблағи суғуртавии бо шартнома муқарраршуда, ки дар натиҷаи рух додани ҳодисаи суғуртавӣ ба молу мулки суғурташуда зарари воқеӣ ё зарар нисбати дигар манфиатҳои молумулкии суғурташуда расонида шудааст, ҷуброн намояд. Тахти мафҳуми зарари аслӣ дар Қоидаи мазкур хароҷоте фаҳмида мешавад, ки шахсе, ки ҳуқуқҳояш вайрон карда шудааст, мебоист барои барқарор кардани ҳуқуқи вайроншуда бинобар гум ё вайрон шудани молумулк ба амал барорад ё ба амал баровардааст. Шартнома метавонад дар бар гирад: Қоидаи суғуртавии мазкур, Полиси суғуртавӣ, аризаи Суғурташванда оид ба суғуртакунии ВН (саволнома), Санади азназаргузаронии пеш аз суғуртаи ВН.

**таҷҳизоти иловагӣ** (ТИ) – механизмҳо, дастгоҳҳо, ҷиҳозҳо, асбобҳо, таҷҳизоти дигар, асбобу анҷомҳо дониста мешаванд, ки ба воситаи наклиёт ба тариқи статсионарӣ васл карда шудаанд ва ба маҷмуъи таҳвили ВН тибқи ҳуҷҷатҳои корхонаи истеҳсолкунанда ворид намешаванд, инчунин шартномаи хариду фуруш, шартномаи таҳвил ва ҳуҷҷатҳои дигаре, ки нисбати маҷмӯъан муҷаҳҳаз будани воситаи наклиёте, ки суғурта карда мешавад ишора мегардад ва ё аз ҷониби созишномаи тарафҳо дар асоси муоинаи ВН ҳамчун таҷҳизоти иловагӣ эътирофгардида, аз он ҷумла:

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

– рангу бори махсус (ранг кардан бо истифода аз мавод ва нақшаҳои рангоранге, ки бо ҳуҷҷатҳои корхонаи истеҳсолкунанда пешбинӣ нашудааст);

– таҷҳизоти теле, видео, радио ва аудиои воситаи наклиётӣ;

– таҷҳизотонидани дохили воситаи наклиёт, кузови он;

– асбобҳо;

– таҷҳизоти фурузонкунӣ, сигналдиҳӣ ва дигар таҷҳизоте, ки ба воситаи нақлиёт васл карда шудааст;

– резинаи чарх ва/ё диски чарх, ки ба маҷмуи корхонаи истеҳсолкунанда дохил намешавад.

**воситаи нақлиёти суғурташуда** – воситаи нақлиёте, ки нисбати он Шартномаи суғурта ба имзо расидааст.

**шахсони суғурташуда** – ронанда ва мусофироне, ки дар воситаи нақлиёт аз рӯи таваккали «Ҳодисаи нохуш» суғурта шудаанд ва бо иродаи худ ва иҷозати шахси ҳуқуқи истифодабарии воситаи нақлиёти суғурташударо дошта қарор доранд.

**мусофир** – шахси воқеъие мебошад, ки (ба истисноИ ронанда) дар воситаи нақлиёти суғурташуда дар давраи истифодабарии он қарор дорад.

**низоми умумӣ** – шарти суғурта аз рӯи таваккали «Ҳодисаи нохуш», ки ҳангоми он маблағи умумии суғурта нисбати тамоми мусофирон ва ронандаи дар ВН қарордошта муқаррар карда мешавад.

**тариқи хатии огоҳкунӣ** – интиқоли ҳуҷҷат (ариза, огоҳнома ва ҳуҷҷатҳои дигар) шахсан ба намояндаи Суғуртакунанда (Суғурташаванда, намояндаи у), инчунин ба воситаи алоқа, факс, алоқаи электронӣ ё воситаи дигари алоқа, ки имконияти аниқ муайян кардани он, ки ҳуҷҷат аз Суғуртакунанда\Суғурташаванда ё намояндаи у ворид гардидааст ва дарҷ гардидани вакти воридшавии онро медиҳад.

**НХТА** – нуқтаи хизматрасонии техникии воситаи наклиётҳо.

**ВН нуқсондори техникӣ** – ВН, ки ҳолати техникии он ақалан ба яке аз талаботи ҳуҷҷати (дастурамали) истифодабарии техникии он мувофиқат накунад.

**Воситаи нақлиёт (ВН)** – воситаи нақлиёти сабукрав, боркаш, микроавтобус, автобус, мотосикл, троллейбус, ядак, нимядак, трактор ва дигар мошинҳои (механизмҳои) худрави кишоварзӣ ва сохтмонӣ.

**“КАСКО СПИТАМЕН”** маҳсулоти навӣ суғуртавӣ, ки дар асоси Қоидаи суғуртаи ихтиерии воситаҳои нақлиети автомобилӣ таҳия гардида, дорои бастаҳои муайяни суғуртакунӣ (бо андозаи муқаррарии мукофот ва маблағӣ суғуртавӣ) буда, шартҳои суғуртакунии он тибқи Тартиб оид ба танзими моли суғуртаи ихтиёрии нақлиёти автомобилии «Каско Спитамен» ба танзим дароварда мешавад.

## 3.СУБЪЕКТҲОИ СУҒУРТА

3.1. Тибқи Қоидаи мазкур субъекти суғурта Суғуртакунанда, Суғурташаванда ва Фоидагиранда эътироф карда мешаванд.

3.2. Ба сифати Суғуртакунанда ҶСДММ “Спитамен Суғурта», ки барои амалӣ намудани намуди дахлдори суғурта иҷозатнома (литсензия) дорад, баромад мекунад.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

3.3. Суғурташаванда шахсони ҳуқуқӣ ва воқеъи ба ҳисоб мераванд, ки бо Суғуртакунанда шартномаи суғурта бастаанд.

3.4. Суғурташаванда ҳуқуқ дорад дар мавриди бастани шартномаи суғурта шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро барои гирифтани пардохти суғуртавӣ тибқи шартномаи суғурта фоидагиранда таъин намояд.

3.5. Ба ҳайси суғурташаванда соҳиби воситаи нақлиёт ва шахси дигаре, ки воситаи нақлиёти мазкурро дар асоси қонун (шарномаи иҷораи ВН ё асоси дигари қонун) истифода мебарад.

3.5.1. Ҳангоми аз ҷониби суғурташаванда интихоб гардидани намуди моли муайяни суғуртавии - "КАСКО Спитамен" муносибати тарафҳо тибқи муқаррароти ин навъи маҳсулоти суғуртавӣ амалӣ карда мешавад.

3.5.2. Муносибатҳои ҳуқуқии мувофиқи Замимаи №1 ба Қоидаи мазкур оид ба амалисозии моли суғуртавии "КАСКО Спитамен" танзим нашуда, бо меъёрҳои Қоидаи макзур ва шартномаи суғурта танзим карда мешавад.

## 4. ОБЪЕКТҲОИ СУҒУРТА

4.1. Объекти суғурта ин манфиатҳои молумулкии Суғурташаванда, ки ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат намекунанд (дар қисми суғуртаи шахсӣ- Шахсони суғурташуда) ва бо ҳолатҳои зерин алоқамаданд:

4.1.1.Соҳибӣ, истифодабарӣ, ихтиёрдории воситаи нақлиёт, таҷҳизоти иловагии суғурташуда бинобар гум, вайрон ё несту нобуд шудани (дуздида бурдан, тасарруф) воситаи нақлиёт ва \ ё таҷҳизоти дар он иловатан васл гардида;

4.1.2. Бо кам гардидани даромад ва \ё хароҷоти иловагӣ бинобар гум кардани қобилияти меҳнатӣ, вафоти ронанда ё мусофирони дар воситаи нақлиёти суғурташуда қарордошта дар натиҷаи сар задани ҳодисаҳои дар Қоида номбаршуда;

4.1.3. Бо уҳдадории Суғурташаванда тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷуброн кардани зараре, ки ба ҳаёт, саломатӣ ё амволи Шахсони ҷабрдида бинобар бо истифодаи ВН суғурташуда расонида шудааст, ба истисноӣ:

– масъулият дар назди ронанда, мусофирон, ки дар воситаи нақлиёти суғурташуда қарор доранд;

– масъулияти ронанда барои зарари ба воситаи нақлиёти таҳти идорааш қарордошта ва \ ё ядаки он, боре, ки кашонида мешавад, таҷҳизоте, ки ба он васл шудааст, амволи дигар расонидашуда;

– зараре, ки ба молумулки шахси барои зарари расида масъул расонида шудааст.

4.1.4.Дар асоси Қоида чунин воситаҳои нақлиёт ҷоизи суғурта мебошанд:

- Воситаи нақлиёте, ки барасмиятдарории гумрукиро гузашта, ба тариқи муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон харидорӣ шудааст, аз он ҷумла ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон аз хориҷи кишвар овардашуда, дар қайди базаи итилоотии мақомотҳои ваколатдори давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва \ё Интернет ҳамчун қаблан дуздидашуда намебошад, дар ҳолати корношоямии техникӣ қарор дошта, вайроншавии ночизи механикӣ ва зангзанӣ дошта, барои истифодабарӣ дар роҳҳои

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

таъиноти умумӣ иҷозат дода шудааст, дар мақомоти БДА ва дигар мақомотҳои ваколатдоре, ки бақайдгирии воситаҳои нақлиётро анҷом медиҳанд, ба қайд гирифта шудааст.

4.1.5.Барои мутобиқати ВН ба талаботҳои пешниҳоднамудаи Суғуртакунанда Суғурташаванда масъул мебошад.

4.1.6.Аз рӯи Шартномаи суғурта, ки бо вайронкунии талаботи зикргардида нисбати ВН баста шудааст, Суғуракунанда масъул намебошад, аз он ҷумла оид ба пардохти ҷуброни суғуртавӣ, дар сурате агар Суғуртакунанда дар бораи чунин вайронкуниҳо ҳангоми бастани Шартномаи суғурта огоҳӣ надошт.

4.1.7. ВН, ки нуқсонҳо дорад ва \ё занг задааст ба суғурта танҳо бо шарте қабул карда мешавад, агар чунин нуқсонҳо ва ё зангзанӣ аз ҳисоби Суғурташаванда (Фоидагиранда) бартараф карда шуда (яқин ивазкунии ҳама гуна нуқсонҳои ҷузъҳою қисмҳои эхтиётии шишагин ё пластикиро пешбинӣ менамояд), ВН бошад ба азназаргузаронии такрорӣ пешкаш карда шудааст. Вагарна, даъво нисбати чунин агрегатҳо ва қисмҳо, ҳангоми пардохти ҷуброни суғуртавӣ дар мавриди пурра несту нобуд шудан, дуздида бурдан ё дуздидани он арзиши бартарафкунии нуқсонҳо ва \ё зангзанӣ-аз маблағи ҷуброн аз рӯи нархномаи Суғурткунанда тарҳ карда мешавад.

4.1.8. ВН, ки нусхаи Шаҳодатномаи бақайдгирии воситаи нақлиётро надорад, суғурта карда намешавад, агар дигар шартҳо бо созиши иловагӣ ба шартномаи суғурта пешбинӣ нашуда бошад.

## 5. ҲОДИСАҲОИ СУҒУРТАВӢ

5.1. Тибқи Қоидаи суғурта ҳодисаҳои зерин ҳодисаҳои суғуртавӣ эътироф карда мешаванд:

**5.1.1.Талаф ёфтан ва\ё нуқсондоршавии ВН, қисмҳои алоҳидаи он, агрегатҳою бандҳо, инчунин таҷҳизоти иловагии дар он васлшуда дар натиҷаи:**

5.1.1.1. Ҳодисаи роҳу нақлиёт (ҲРН) – ҳодисае, ки дар ҷараёни ҳаракати ВН суғурташуда ва бо иштироки он (пахш кардан, чаппа шудан, бархурдан ва ғ.) ба вуҷуд омадааст, аз он ҷумла бо дигар воситаи нақлиёти механикӣ дар таваққуфгоҳ вайрон карда шудааст.

5.1.1.2. Аз таъсири ҳолатҳои фавқуллодаи табиӣ (падидаҳо). Зери мафҳуми ҳолати фавқуллодаи табиӣ тибқи Қоидаи мазкур фаҳмида мешаванд:

– падидаҳои хавфноки геологӣ, алалхусус:

– заминҷунбӣ (такони зеризаминӣ ва ҷунбиши қабати болои замин, ки дар натиҷаи ногаҳон аз ҷои худ беҷошавӣ ва кафидани қишри замин ё мантияи болои Замин ба вуҷуд омада, ба масофаи дароз дар намуди ҷунбишхои чандир мегузаранд);

– фуруравӣ (канда шудан ва афтидани маҷмӯъи калонҳаҷми ҷинсҳои кӯҳӣ аз нишебиҳои ҷариҳои кӯҳ, водии дарё ва соҳили баҳр, ки аз ҳисоби суст гардидани пайвасти ҷинсҳои кӯҳӣ зери таъсири ҷараёни шамол, ҳаракати обҳои боло ва зеризаминӣ ба вуҷуд меоянд);

– лағжиш-ярч (ҷойивазкунии маҷмӯъии ҷинсҳои кӯҳӣ аз болои нишебиҳо зери таъсири вазни худ ва сарбории иловагӣ дар натиҷаи шуста бурдани нишебӣ, намнокии барзиёд, такони сейсмологӣ;

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

– падидаҳои хавфноки гидрологӣ, алалхусус обхезӣ- туфони об (зери об мондани минтақа, ғарқшавӣ, ки офати табиӣ мебошад);

– падидаҳои хавфноки метеорологӣ, алахусус тундбод, тӯфон, гирдбод, зарбаи барқ, жола;

– сухтор ё таркиш, ба истиснои ҳодисае, ки дар натиҷаи ҳама гуна вайроншавии ВН ба вуҷуд омадааст (ба ғайр аз ҲРН) , агар дигар шартҳо бо шартномаи суғурта пешбинӣ нашуда бошад.

Фарорасии як ё якчанд ҳодисаҳои дар боло номбаршуда, ки ба расонидани зарар дар натиҷаи ҳолатҳои фавқуллодаи табиӣ (падидаҳо) оварда мерасонанд ва ба вуҷуд омадани он аз ҷониби хадамотҳои дахлдори метеорологӣ ва дигар мақомотҳои ваколатдори салоҳиятдор тасдиқ карда шудааст аз рӯи таваккали «Зарар» танҳо дар сурате ҳодисаи суғуртавӣ эътироф мегарданд, агар бевосита сабаби ба воситаи нақлиёти суғурташуда расонидани зарар гарданд.

5.1.1.3. **ҳаракатҳои ғайриҳуқуқии шахсони сеюм.** Дар партави Қоида тамоми шахсон, ба истиснои соҳибони (хамсоҳибони) ВН суғурташуда, хешовандони наздики у, кормандони Суғурташаванда ва мусофирони ВН шахсони Сеюм дониста мешаванд.

5.1.1.4. **афтидани ҷисмҳои бегона, аз он ҷумла барфу ях;**

5.1.1.5. **вайрон кардани қисмхои беруна (дарунаи) ВН аз тарафи ҳайвонот;**

5.1.1.6. **дуздида бурдани ВН ва \ё ТИ, ки дар он васл карда шудааст;**

5.1.1.7. **расонидани зарар ба ҳаёт, саломатӣ ва амволи шахсони сеюм ҳангоми истифодабарии ВН суғурташуда;**

5.1.1.8. **зарари ҷисмонии ронанда ва \ё мусофирон, ки дар натиҷаи ҳодисаи нохуш ҳангоми дар ВН суғурташуда қарор доштанашон расида ва он ба таъини маъюбӣ ё вафотшуда эълон кардан дар натиҷаи ба вуҷуд омадани ҳодисаҳои дар Қоидаи мазкур қайдшуда оварда расонидааст.**

5.2. Аз рӯи таваклаҳои "Дуздидан" ва "Зарар" воситаҳои нақлиёт дар маҷмӯъӣ таҳвили ВН тибқи ҳуҷҷатҳои корхонаи истҳсолкунанда ва хусусиятҳои дар он овардашуда, дар сурати мавҷуд набудани онҳо – дар маҷмуъи дар санади муоинаи пеш аз суғуртаи ВН қайдшуда суғурта карда мешаванд. Маҷмуи асбобҳо, доруқуттӣ, оташхомушкунак, нишонаи таваққуфи садамавӣ, воситаҳои муқаррарии зидди дуздида бурдан ба суғртакунӣ аз рӯи таваккалҳои "Дуздидан" ва "Зарар" дар сурате қабул намегарданд, агар онҳо аз тарафи корхонаи истеҳсолкунанда истеҳсол нашудаанд, аммо онҳо алоҳида ҳамчун таҷҳизоти иловагӣ суғурта карда мешаванд.

5. 3. Ҳама гуна адабиёт оид ба хизматрасонӣ (дафтарчаи хизматрасонӣ, дастурамал оид ба истифодабарӣ) ҳуҷҷатгузории техникӣ барои суғурта қабул карда намешаванд.

## 6. ХАВФИ СУҒУРТАВӢ

6.1. Дар асоси Қоидаи мазкур метавонанд хавфҳои зерин суғурта карда шаванд:

6.1.1. **Зарар** – маҷмуи таваккалҳои «Талафи пурра» ва «Зарари қисмӣ» мебошад, ки агар дигар ҳолатҳо бо Шартномаи суғурта пешбинӣ нашуда бошад, таваккали вайрон шудан ё талаф ёфтани ВН, қисми алоҳидаи он, агрегатҳо, бастҳо дар натиҷаи ҳодисаи дар роҳу нақлиёт ба вуҷуд омада (минбаъд ҲРН номида мешаванд), сухтор, таркиш,

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

ҳолати фавқуллодаи табии (падидаҳо), афтидан\ расидани ҷисмҳои бегона, аз тарафи ҳайвонот, бо ҳаракатҳои ғайриҳуқуқии шахсони сеюм вайрон карда шудааст (дар шарҳи мафҳуми мазкур тибқи кодексҳои ҷиноятӣ ва ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон) гум кардани қисмҳои алоҳида, агрегатҳо, бастаҳои ВН дар натиҷаи дуздӣ (ғоратгарӣ, роҳзанӣ)-ро дар бар мегирад.

6.1.2. Бо Шартномаи суғурта ҳарду таваккал, ки ба таваккали «Зарар» дохил мешаванд ё яке аз онҳо суғурта карда мешавад.

6.1.3. Аз рӯи таваккали «Талафи пурра» ва «Зарари қисман» маблағҳои гуногуни суғуртавӣ муқаррар карда мешаванд.

6.1.4. Дуздида бурдан – гум шудани воситаи нақлиёт дар натиҷаи дуздӣ (дуздӣ, ғоратгарӣ, роҳзанӣ).

6.1.5. Автокаско – маҷмуи таваккалҳои «Зарар» ва «Дуздида бурдан».

6.1.6. Агар агрегатҳо ва қисмҳои ВН то оғози амали шартномаи суғурта вайрон шудаанд ва дар Санади муоинаи пеш аз суғурта дарҷ ёфтаанд, таъмири барқароркунӣ ё ивази онҳоро Суғуртакунанда тибқи Ҷадвали № 1, ки дар банди 12.3.4. Қоидаҳо оварда шудааст, агар то сар задани ҳодисаи суғуртавӣ Суғурташаванда ба Суғуртакунанда ВН таъмиршударо барои муоина пешниҳод накардааст ва агар дигар ҳолат бо Шартномаи суғурта (Полиси суғурта) пешбинӣ нашуда бошад мепардозад. Агар Суғурташаванда қисмҳои таъмиршударо, ки дар лаҳзаи суғуртакунӣ вайрон карда шудаанд, барои муоина то фарорасии ҳодисаи суғуртавӣ пешниҳод карда бошад, Суғуртакунанда аз рӯи Шартномаи суғурта дар ҳаҷми пурра масъул мебошад.

6.1.7. Ҳангоми мавҷуд будани талаби Суғуртакунанда оиди дар ВН, ки суғурта карда мешавад васл кардани дастгоҳи зидди дуздида бурдани ВН, давраи суғурта аз рӯи таваккали «Дуздида бурдан» нисбати чунин ВН, агар дигар ҳолат бо шартномаи суғурта пешбинӣ нашуда бошад, аз лаҳзаи дар ВН васл кардани дастгоҳи зидди дуздида бурдан ва ба хизматрасонии муштарӣ дохил намудани он (агар сохтори мазкур хизматрасонии муштариро пешбинӣ кунад), ки дар минтақаи суғурта амал менамояд, оғоз меёбад.

6.1.8. Далели васлкунии низоми зидди дуздида бурдан ва ба хизматрасонии муштарӣ дохил намудани ВН аз тарафи Суғурташаванда бояд, ки бо ҳуҷҷатҳо тасдиқ карда шаванд.

6.1.9. Таҷҳизоти иловагӣ – дуздӣ, вайрон ё несту нобуд кардани таҷҳизоти иловагӣ дар натиҷаи ҲРН, сухтор, таркиш, офатҳои табиӣ, афтидани ҷисмҳои бегона, дар натиҷаи ҳаракатҳои ғайриҳуқуккии шахсони сеюм. Суғурта аз рӯи таваккали «Таҷҳизоти иловагӣ» дар сурати суғурта кардани худи ВН ба амал бароварда мешавад. Агар бо шартҳои Қоидаи мазкур нисбати ТИ шартҳои махсус пешбинӣ нашуда бошад, он гоҳ барои суғуртаи ТИ шартҳои Қоида нисбати суғуртакунии ВН тибқи Қоида пурра паҳн мегарданд.

6.2. **Масъулияти гражданӣ ҳангоми истифодабарии воситаи нақлиёт** – масъулияти Суғурташаванда ё шахсоне, ки онҳоро Суғурташаванда ба идоракунии ВН роҳ додааст ва онҳо дар Шартномаи суғурта (Полис) қайд шудаанд, назди шахсони ҷабрдида барои зарари молу мулкӣ ё ҷисмонии расонидашуда, ки дар натиҷаи ҳодисаҳои ногаҳонӣ (ҲРН) мавриди истифодабарии ВН суғурташуда аз тарафи Суғурташаванда ё шахси (шахсони) ваколатдори у ба вуқуъ омадааст, масъул мебошад.

6.2.1. Аз рӯи шартномаи суғурта таваккали масъулияти граждании худи

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
...ДОРАИ НАЗОРАТИ ...
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

Суғурташаванда ва шахсоне, ки воситаи нақлиётро аз рӯи ваколатнома ё дар асоси дигар қонун истифода мебаранд ва дар шартнома (полис) ҳамчун шахсе, ки ба идоракунии ВН роҳ дода шудааст, суғурташуда дониста мешавад.

## 7.ТАРТИБИ МУАЙЯН НАМУДАНИ МАБЛАҒИ СУҒУРТАВӢ

7.1. Маблағи суғуртавӣ маблағи пулиест, ки бо созиши Суғуртакунанда ва Суғурташаванда (бо Шартномаи суғурта) муқаррар шуда, дар доираи он Суғуртакунанда уҳдадор аст ҷуброни суғутавиро ҳангоми фарорасии ҳодисаи суғуртавӣ таъмин намояд.

7.2. Арзиши аслӣ (суғуртавӣ) – арзиши ВН, таҷҳизоти иловагии он дар мавқеъи ҷойгиршавиаш дар рӯзи бастани Шартнамои суғурта дониста мешавад. Дар сурате агар арзиши суғуртавӣ алоҳида қайд нашудааст, он мутаносибан ба (баробари) маблағи суғуртавӣ ҳисобида мешавад.

7.3. Андозаи маблағи суғуртавӣ аз рӯи таваккалҳои «Дуздидан», «Талафи пурра», «Зарари қисмӣ» аз ҳамдгар фарқ мекунанд.

7.4. Ҳангоми аз ҷониби Суғурташаванда интихоб гардидани намуди моли муайяни суғуртаи "КАСКО Спитамен", ҷуброни суғуртавӣ мувофиқи Замима 1 ба Қоидаи мазкур оид ба амалисозии моли нави суғуртавии "КАСКО Спитамен" интихобгардида кафолат ва амалӣ карда мешавад.

7.5. Муносибатҳои ҳуқуқии мувофиқи тартиб оид ба амалисозии моли нави суғуртавии "КАСКО Спитамен" танзим нашуда, бо меъёрҳои Қоидаи мазкур ва шартномаи суғурта танзим карда мешавад.

7.6. **Маблағи суғуртавӣ нисбати ВН ва таҷҳизоти иловагии ба он васлшуда бо созиши Суғурташаванда ва Суғуртакунанда ба андозае, ки аз арзиши аслии он (суғуртавӣ) зиёд намебошад, муайян карда мешавад.**

7.7. Арзиши суғуртавии ВН ва ТИ ба суғуртакунӣ пешниҳодгардида аз ҷониби Суғуртакунанда вобаста аз арзиши ВН нав ва таҷҳизоти иловагӣ бо дарназардошти фарсудагии онҳо дар асоси маълумоти дар Ариза оид ба суғуртакунӣ ва хуҷҷатҳои тасдиққунандаи арзиши ВН ва ТИ мавҷудбуда муайян карда мешавад. Дар асоси созиши тарафҳо чунин хуҷҷатҳо эътироф мегарданд:

- шартномаи хариду фурӯш;
- маълумотнома- расид;
- расиди корхона- истеҳсолкунанда ё дилери расмӣ (фурӯшанда);
- варақаи ҳисобӣ, расид ва дигар хуҷҷатҳои пардохтӣ;
- санадҳои гумрукӣ;
- варақаҳои нархномавии дилерҳо;
- маҷмӯъи (каталог) – воситаҳои нақлиёт, дигар адабиёти иттилоотӣ ва даврӣ;
- хуҷҷатҳои дигаре, ки муайян кардани арзиши суғуратвиро бо созиши тарафҳо имконият медиҳад.

7.8. Агар дигар шарт бо шартномаи суғурта пешбинӣ нашуда бошад, онгоҳ маблағи суғуртавӣ аз рӯи таваккали «Талафи пурра» дар давраи амали шартномаи суғурта ба тариқи зайл тағйир дода мешавад (дар шакли фоизи аз маблағи суғуртавӣ аз рӯи таваккали мазкур):

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

– барои ВН 1 – ум соли истифодабарӣ, маблағи суғуртавӣ ҳар моҳи амали Шартномаи суғурта ба 1,67% кам карда мешавад (на зиёда аз 20% дар як соли амали Шартномаи суғурта);

– барои ВН 2 – ум соли истифодабарӣ, маблағи суғуртавӣ ҳар моҳи амали Шартномаи суғурта ба 1,25% кам карда мешавад (ба 15% дар як соли амали Шартномаи суғурта);

– барои ВН 3 – ум соли истифодабарӣ ва аз он зиёд, маблағи суғуртавӣ ҳар моҳи амали Шартномаи суғурта ба 0,84% кам карда мешавад (на зиёда аз 10% дар як соли амали Шартномаи суғурта).

Соли оғози истифодабарии ВН соле, ки дар Шаҳодатномаи бақайдгирии ВН дарҷ шудааст ҳисобида мешавад. Соли оғози истифодабарии таҷҳизоти иловагӣ соли истеҳсоли он дониста мешавад. Ҳангоми тағйир додани маблағи суғуртавӣ тибқи банди мазкури Қоидаи суғурта моҳи нопурраи тақвимии амали Шартномаи суғурта ҳамчун моҳи пурра шуморида мешавад.

7.9. **Маблағи суғуртавӣ аз рӯи суғуртаи масъулияти граждании бо созиши байни Суғурташаванда ва Суғуртакунанда муқаррар карда мешавад.**

7.10. **Ҳангоми суғуракунии ҳодисаи нохуш маблағи суғуртавӣ бо созиши тарафайн муайян карда мешавад:**

7.10.1. Дар асоси шартҳои шартномаи суғурта аз рӯи «Низоми умумӣ» маблағи умумии суғурта нисбати тамоми мусофирон ва ронандаи дар ВН қарордошта муқаррар карда мешавад. Ҳамзамон ин маблағ нисбати ҳар як мусофир (ронанда), ки дар натиҷаи ҳодисаи суғуртавӣ зарар дидааст чунин аст:

– 40% аз маблағи умумии суғурта, дар сурати зарар дидани як шахси суғурташуда;

– 35% аз маблағи умумии суғурта, дар сурати зарар дидани ду шахси суғурташуда;

– дар сурате, агар се ва зиёда аз он шахсони суғурташуда зарар дида бошанд, маблағи умумии суғурта нисбати ҳар як шахси суғурташуда бо ҳиссаҳои баробар тақсим карда мешавад.

7.12. **Дар асоси шартҳои суғурта аз рӯи «Низоми ҷойҳо». Дар Шартномаи суғурта маблағи суғуртавӣ нисбати ҳар як ҷойи суғурташуда дар ВН, ки мабалағи суғуртавӣ барои ҳар як шахси суғурташуда дониста мешавад, қайд мегардад.**

7.13. Ҳангоми суғуртакунии ронанда ва мусофирон аз ҳодисаҳои нохуш шумораи ҷойҳои суғурташуда набояд аз шумораи ҷойҳои нишаст дар ВН, ки аз тарафи корхонаи истеҳсолкунанда пешбинӣ шудааст, зиёд бошад.

7.14. Маблағҳои суғуртавӣ нисбати ВН, таҷҳизоти иловагии ба он васлшудва аз рӯи масъулияти гражданӣ ва ҳодисаҳои нохуш, ки байни Суғурташаванда ва Суғуртакунанда ҳангоми бастани Шартномаи суғурта мувофиқа шудааст, метавонанд минбаъд дар сурати пардохтани ҳаққи иловагии суғуртавӣ, ки бо дарназардошти моҳҳои пурраи то охири амали Шартномаи суғурта боқӣ мондааст, ҳисоби шудааст, зиёд карда шаванд. Ҳамзамон моҳи нопурра ҳамчун моҳи пурра шуморида мешавад. Ҳисоби ҳаққи иловагии суғурта дар асоси формулаи зерин сурат мегирад:

$$Д=(П2-П1)*n/12,$$ ки

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

П1, П2 – подош барои як сол аз рӯи маблағҳои оғоз ва итмоми суғуртавӣ, мутаносибан;

n – шумораи моҳҳои пурае, ки то охири амали Шартномаи суғурта боқӣ мондааст.

Афзоиш ёфтани маблаги суғуртавӣ бо созиши иловагии тарафайн ба расмият даровaрда мешавад.

7.15. Агар маблағҳои суғуртавии нисбати ВН ва таҷҳизоти иловагӣ, ки дар Шартномаи суғурта (Полиси суғурта) муқаррар шудааст аз арзиши аслии онҳо барзиёд бошад (дар натиҷаи гумроҳ намудани Суғуртакунанда аз тарафи Суғурташаванда), он гоҳ Шартнома дар қисме, ки мутаносибан арзиши аслии ВН ва таҷҳизоти иловагӣ дар санаи баста шудани Шартномаи суғурта барзиёд нишон дода шудааст, беэътибор дониста мешавад. Дар ин ҳолат қисми ҳаққи суғуртавӣ баргардонида намешавад.

7.16. Бо Шартномаи суғурта маблаги суғуртавӣ нисбати ВН метавонад аз арзиши аслии он камтар муқаррар карда шавад (суғуртаи нопурраи молумулк). Дар ин ҳолат ҳангоми фарорасии ҳодисаи суғуртавӣ Суғуртакунанда ба Суғурташаванда ё Фоидагиранда қисми зараре, ки ба охирин расидааст, мутаносиби маблаги суғуртавӣ ба арзиши суғуртавӣ ҷуброн мекунад, агар дигар шарт дар Шартномаи суғуртавӣ қайд нашуда бошад. Бо Шартномаи суғурта андозаи зиёди ҷуброни суғуртавӣ пешбинӣ карда мешавад, аммо дар ҳама ҳолат он набояд аз арзиши суғуртавии ВН ва \ё таҷҳизоти иловагӣ барзиёд бошад.

## 8. ТАРИФИ СУҒУРТАВӢ

8.1. Меъёри тарифӣ дар асоси меъёрҳои тарифии базавӣ бо дарназардошти шартҳои мушахасси суғуртавӣ муқарар карда мешавад.

8.2. Ҳангоми муайян намудани ҳаҷми маблаги суғуртавӣ, ки бояд ба Суғурташаванда аз рӯи Шартномаи суғуртавӣ пардохт гардад, Суғуртакунанда тарифҳои бо мақоми назорати суғуртавӣ мувофиқакардашударо истифода мебарад, ки дар асоси он мукофоти аз ҳар воҳиди маблаги суғуртавӣ ситонидамешуда бо дарназардошти маълумотҳои пешниҳодкардаи Суғурташаванда оид ба хусусиятҳои хоси дараҷаи хавф муқаррар карда мешавад.

8.3. Дар баробари ин вобаста аз дараҷаи хавф (дараҷаи Суғурташаванда, намуди фаъолияти Суғурташаванда, таърихи ба ӯ пешниҳод намудаи даъвоҳо оид ба додани товон зарар (таърихи зарар), ҳаҷм ва сохтори зарарҳои пештар баамаломада, базаи муайянкунии маблаги суғуртавӣ (меъёри товон ва омилҳои дигар, ки аз тарафи Суғуртакунанда ҳангоми амалӣ намудани сиёсати андеррайтерӣ ва тарифӣ мадди назар гирифта мешавад), Суғуртакунанда ҳуқуқи ба меъёри тарифӣ аз рӯи Шартномаи мушаххаси суғуртавӣ коэффитсиентҳоро аз рӯи ҷадвали тасдиқгардида бо мақоми назорати суғуртавӣ истифода барад.

## 9. ҲАҚҚИ СУҒУРТАВӢ

9.1. Ҳаққи суғуртавӣ пардохт барои суғуртакуние мебошад, ки Суғурташаванда уҳдадор аст ба Суғуртакунанда тибқи Шартномаи суғурта (Полис) пардозад.

9.2. Андозаи ҳаққи суғуртивиро Суғуртакунанда дар асоси тарофаи коркардаи худ бо дарназардошти хусусиятҳои хоси техникӣ ва арзиши ВН, шартҳои истифода ва

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
РАЁСАТИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

нигоҳдории он, муҳлати суғурта, таваккалҳои суғурташуда, инчунин дигар ҳолатҳое, ки барои муайян кардани эҳтимолияти ба вучуд омадани ҳодисаи суғуртавӣ ва андозаи зарари эҳтимолӣ аҳамияти муҳим доранд, муайян месозад.

9.3. Ҳангоми бастани Шартномаи суғурта ба муҳлати аз як сол камтар ҳаққи суғуртавӣ аз маблағи солонаи он ба тариқи зайл пардохта мешавад:

| *Мӯҳлати шартномаи суғурта* | | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 | 12 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| *Андозаи ҳаққи суғуртавӣ бо фоиз аз ҳаққи солона* | 30 | 40 | 50 | 60 | 65 | 70 | 75 | 80 | 85 | 90 | 95 | 100 |

Ҳамзамон моҳи нопурраи тақвимӣ ҳамчун моҳи пурра шуморидашуда, рӯзи оғози амали Шартномаи суғурта санаи дар Шартномаи дарҷёфта дониста мешавад.

9.4 Ҳаққи суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) мутобиқи қонунгузории амалкунанда дар шакли маблағи пулии нақд ё бо роҳи ғайринақдӣ пас аз ҳисоб пешниҳод намудани Суғуртакунанда барои пардохти ҳаққи суғуртавӣ ба Суғурташаванда ё ҳуҷҷати дигареро, ки дорои маълумот дар бораи андозаи ҳаққи суғуртавӣ, тартибу муҳлати пардохти он аст, пардохта мешавад. Ҳангоми пардохти ҳаққи суғуртавӣ дар шакли ғайринақдӣ Суғурташаванда уҳдадор аст дар супоришномаи маблағ ба рақам ва санаи расид ва\ё рақами шартномаи суғурта (Полис), ки дар асоси онҳо пардохти ҳаққи суғуртавӣ сурат мегирад, ишора намояд. Ҳангоми пардохтани ҳаққи суғуртавӣ бо маблағи нақд ҳаққи суғуртавӣ аз лаҳзае, ки дар ҳуҷҷати пардохт қайд шудааст, пардохта дониста мешавад.

9.5. Ҳангоми бастани Шартнома ба муҳлати як сол ба Суғурташаванда тибқи созиш бо Суғуртакунанда имконияти пардохти муҳлатноки ҳаққи суғуртавӣ дода мешавад. Андозаи ҳаққи суғуртавӣ ва муҳлати пардохти он бо Шартномаи суғурта (Полиси суғурта) муқаррар карда мешавад.

9.6. Мавриди бо Шартномаи суғурта муқарраркардаи тартиб ва муҳлат напардохтани маблағи суғуртавӣ ё ҳаққи суғуртавии нахустин Шартномаи суғурта қувваи эътибор надошта дониста мешавад ва Суғуртакунанда аз пардохти ҷуброни суғуртавӣ (аз масъулият тибқи Шартнома) озод карда мешавад, агар дигар шартҳо бо Шартномаи суғурта пешбинӣ нашуда бошанд. Ҳангоми бо Шартномаи суғурта муқарраркардаи муҳлат напардохтани ҳаққи суғуртавии навбатӣ Шартнома ҳамон лаҳза бе огоҳонидани Суғурташаванда аз санаи барои пардохти чунин ҳақ таъиншуда қатъгардида дониста мешавад, агар дигар ҳолат дар Шартномаи суғурта пешбинӣ нашуда бошад, ҳамзамон ҳаққи суғуртавие, ки Суғурташаванда то лаҳзаи напардохтани ҳаққи суғуртавии навбатӣ пардохааст, баргардонида намешавад. Агар пардохти суғуртавӣ бо созиши тарафайн амали худро то пардохти ҳаққи суғуртавӣ оғоз намояд, онгоҳ ҳангоми дар муҳлати муқаррарнамудаи Шартномаи суғурта напардохани ҳаққи суғуртавӣ, Шартнома бе огоҳонидани Суғурташаванда аз санаи барои пардохти ҳаққи мазкур таъиншуда ҳамон лаҳза қатъ карда мешавад. Ҳамзамон Суғуртакунанда аз рӯи ҳодисаҳои суғуртавие, ки дар давраи аз санаи қувваи эътибор пайдо кардани Шартномаи суғурта сар карда ва то санаи пардохти подош масъул мебошад, Суғурташаванда бошад, уҳдадор аст подошро аз рӯи Шартнома барои ин давра тибқи

ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

Қоида пардозад. Пардохти суғуртавӣ ба тариқи нақдӣ ё ғайринақдӣ дар сурати пардохта шудани подош ё бо тарҳи маблағи подош, ки бояд пардохта шавад, сурат мегирад.

9.7. Дар сурате агар то фаворасии санаи ҳодисаи суғуртавӣ ҳаққи суғуртавӣ барои тамоми давраи амали Шартномаи суғурта пурра пардохта нашуда мебошад, аммо ҳамзамон таъхиргузории пардохти ҳаққи навбатӣ вуҷуд надорад, Суғурташаванда бо талаби Суғуртакунанда вазифадор аст дар муҳлати на дертар аз 10 рӯзи тақвимӣ аз санаи пешниҳоди чунин талаб пардохти ҳаққи суғуртавиро дар қисми норасоидоштаи ҳақро то андозаи солонаи ҳаққи суғуртавие, ки дар Шартномаи суғурта қайд шудааст, анҷом диҳад. Пардохтҳои суғуртавӣ аз рӯи Шартномаи мазкур то ба охир расидани ҳисобии Суғурташаванда бо Суғуртакунанда ба амал бароварда намешаванд. Ҳамзамон Суғуртакунанда хукуқ дорад ҳангоми муайян кардани андозаи пардохти суғуртавие, ки бояд пардохта шавад, аз маблағи ҷуброни суғуртавӣ маблағи хаққи суғуртавии напардохташударо тарҳ намояд.

9.8. Бо созиши тарафайн ба Суғурташаванда барои муҳлатнок супоридани ҳаққи суғуртавӣ имкон дода мешавад. Ҳангоми фаворасии ҳодисаи суғуртавӣ дар давраи муҳлатнок, Суғурташаванда бо талаби Суғуртакунанда вазифадор аст дар муҳлати на дертар аз 10 рӯзи тақвимӣ аз санаи пешниҳоди чунин талаб пардохти ҳаққи суғуртавиро барои соли суғуртавӣ, ки дар давраи он Суғурташаванда бо ариза дар бораи пардохти ҷуброн муроҷиат намудааст, анҷом диҳад. Ҳангоми аз тарафи Суғурташаванда напардохтани ҳаққи суғуртавӣ барои соли суғурта тибқи талаби Суғуртакунанда, охирин ҳуқуқ дорад Шартномаи суғуртаро яктарафа қатъ намояд. Дар ин ҳолат ба Суғурташаванда ҷуброни суғуртавӣ пардохта намешавад.

9.9. Дар сурате агар мутобиқи Шартномаи суғурта ҳаққи суғуртавӣ ба тариқи муҳлатнок супорида мешавад ва ба лаҳзаи муқаррар шудани ҳолатҳое, ки ба зиёд будани маблағи суғуртавӣ аз арзиши суғуртавӣ, пурра супурда нашудааст, онгоҳ ҳаққи суғуртавии боқимонда бояд ба андозаи камшуда мутаносибан ба кам шудани андозаи маблағи суғуртавӣ пардохта шавад.

9.10. Ҳангоми бастани Шартномаи суғурта ба муҳлати нав меъёри тарофа бо дарназардошти шумораи ҳодисаҳои суғуртавӣ ва маблағи ҷуброни суғуртавие, ки дар давраи муҳлати гузаштаи амали Шартнома суғурта пардохта шудааст, муқаррар карда мешавад.

9.11. Агар пас аз бастани Шартномаи суғурта ба муҳлати нав (навбатӣ) мавриди гузаштани муҳлати амали Шартномаи қаблӣ Суғурташаванда аз рӯи Шартномаи қаблӣ дар бораи зиён арз намояд ва ба Суғуртакунанда дигар ҳолатҳое, ки ба тағйир ёфтани дараҷаи таваккал оварда мерасонанд маълум гардад, онгох Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад андозаи ҳаққи суғуртавиро аз рӯи Шартномаи нав баробари афзоиш ёфтани дараҷаи таваккал афзоиш дода, аз нав баррасӣ намояд.

## 10. ТАРТИБИ БАСТАН, ИҶРО ВА ҚАТЪ НАМУДАНИ ШАРТНОМАҲОИ СУҒУРТА

10.1. Шартномаи суғурта дар шакли хаттӣ баста мешавад.

10.2. Шартномаи суғурта дар асоси аризаи хаттии Суғурташаванда ва Санади муоинаи пешакии ВН бо роҳи аз тарафи Суғуртакунанда ба Суғурташаванда

[illegible] ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

супоридани Полиси суғурта (шаҳодатнома, сертификат, расидҳо), ки аз тарафи Суғуртакунанда ва Суғурташаванда имзо шудааст ва Қоидаи суғурта баста мешавад. Санади муоинаи пешакӣ қисми ҷудонашавандаи Шартномаи суғурта (Полиси суғурта) мебошад, агар дигар ҳолат дар Шартномаи суғурта пешбинӣ нашуда бошанд.

10.3. Ариза дар бораи суғуртакунӣ аз ҷониби Суғурташаванда ё намояндаи расмии у бо дасти худ тартиб дода мешавад. Тибқи дархости шифоҳии Суғурташаванда Суғуртакунанда метавонад аризаро аз суханони у тартиб диҳад. Тамоми бандҳои ариза дар бораи суғуртакунӣ бо хатти хоно пур карда шуда, маънидодкунии духурагӣ иҷозат дода намешавад. Масъулият барои дуруст будани маълумоте, ки дар ариза дар бораи суғуртакунӣ дарҷ ёфтааст, бар дӯши Суғурташаванда вогузор карда мешавад. Аризаи тартибдодашуда аз тарафи Суғурташаванда (намояндаи ӯ) имзо ва тасдиқ карда мешавад.

10.4. Агар шарти дигар бо созиши Тарафайн пешбинӣ нашуда бошад, ариза маълумоти зеринро дар бар мегирад:

– маълумот дар бораи Суғурташаванда (ному насаб ва шаҳрвандӣ ё номгӯи ташкилот бо қайди мамлакате, ки онро ба қайд гирифтааст; суроғаи почтавии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, рақами телефон, факс ва дигар воситаи алоқа);

– маълумот дар бораи Ронандагон (ному насаб, санаи таваллуд, санаи ибтидои собиқаи корӣ, намуди ваколатнома) - агар Суғурташаванда шахси вокеъӣ бошад ва агар бо шартҳои суғурта иҷозат додани шумораи бемаҳдуди ронандагон ба идоракунии ВН (multidrive) пешбинӣ нашуда бошад;

– маълумот дар бораи ВН ва қисмхои маҷмуъии он (тамға, тамсила, шумораи дарҳо, ранг, рақами бақайдгирӣ, рақами мушаххас (VIN), рақами муҳаррик, соли барориш, иқтидор ва ҳаҷми муҳаррик, арзиши ВН, номгуй ва арзиши ТИ, ки бояд суғурта карда шавад, шумораи калидҳои аслӣ, мавҷудияти низоми сигналдиҳии зидди дуздида бурдани ВН);

– шартҳое, ки дар асоси онҳо Суғурташаванда хоҳиши бастани шартномаи суғуртаро изҳор намудааст;

– маълумоти дигаре, ки барои муайян кардани дараҷаи таваккал ва ҳисобии ҳаққи суғуртавӣ заруранд.

10.5. Суғурташаванда бо талаби Суғуртакунанда бояд пешниҳод намояд:

– ҳуҷҷатҳои муассисии Суғурташаванда - шахси хуқуқӣ;

– хуҷҷате, ки шахсияти Суғурташаванда ё намояндаи аз номи у амалкунандаро тасдиқ мекунад;

– ваколатнома ва ё дигар ҳуҷҷате, ки андоза ва ҳаҷми салоҳияти намояндани Суғурташавандаро шаҳодат медиҳад;

– хуҷҷатҳои бақайдгирии ВН ва дар асоси талаби Суғуртакунанда хуҷҷатҳои тасдиққунандаи мавҷудияти манфиат оид ба нигоҳдории амволе, ки суғурта карда мешавад.

10.6. Ҳангоми бастани Шартнома Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад шартҳои мушаххаси истифодабарии ВН суғурташавандаро шарҳу эзоҳ диҳад.

10.7. Шартномаи суғуртаи ВН танҳо ба фоидаи шахсе, ки дар асоси қонун, дигар санади меъёрии ҳуқуқӣ ё шартнома манфиат нисбати нигоҳдории ВН мазкур дорад баста мешавад (масалан, ба фоидаи молик, иҷорадеҳ, гаравгир, даллол, ки ба ӯ амвол

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

супурда шудааст). Шартномаи суғурта, ки ҳангоми дар Фоидагиранда мавҷуд набудани манфиат оид ба нигоҳдории ВН суғурташуда ҷой надошта бошад, беэътибор дониста мешавад.

10.8. Бо хоҳиши Суғурташаванда – шахси воқеӣ дар асоси аризаи хаттии у дар давраи амали Шартномаи суғурта ба он Ронандагони иловагӣ ворид карда мешаванд. Ҳамзамон Суғурташаванда вазифадор аст дар асоси талаби дахлдори Суғуртакунанда пардохти иловагии ҳаққи суғуртавиро барои ворид кардани Ронандагони иловагӣ ба Шартномаи суғурта анҷом диҳад.

10.9. Тамоми маълумоте, ки Суғурташаванда дар ариза дар бораи суғуртакунӣ нишон додааст, барои муайян кардани эҳтимолияти фаворасии ҳодисаи суғуртавӣ, андозаи зиёни эҳтимолӣ дар натиҷаи сар задани он, инчунин андозаи ҳаққи суғуртавӣ аҳамияти муҳим дорад. Ҳангоми аз тарафи Суғурташаванда дар ариза нишон додани маълумоти бардуруғ Суғуртакунанда мавриди сар задани ҳодисаи суғуртавӣ ҳуқуқ дорад аз пардохти суғуртави нисбати Суғурташаванда даст кашад.

10.10. Суғурташаванда Шартномаи суғуртаро дар асоси Қоидаҳо баста, ба Суғуртакунанда (минбаъд «Оператори маълумоти шахсӣ (хусусӣ)» ризоияти бевоситаи худро дар бораи коркарди маълумот (ному насаб, сол, моҳ, рӯз ва ҷойи таваллуд, суроға, рақами телефон, факс, суроғаи алоқаи электронӣ ва маълумоти дигари робита, маълумот дар бораи вазъи саломатӣ, оилавӣ, иҷтимоӣ, молумулкӣ, таҳсил, касб, даромад ва ҳама гуна маълумоте, ки ба шахсияти у алоқаманд аст) барои бастани Шартномаи суғурта ва иҷроиши минбаъдаи он (батанзимдарории зиён, қабули қарор ё анҷом додани амалиётҳои дигаре, ки оқибати ҳуқуқиро нисбати Суғурташаванда ё шахсони дигар ба вуҷуд меоваранд, пешниҳоди маълумот ба Суғурташаванда дар бораи амалиётҳои Суғуртакунанда) ва аз нав суғуртакунӣ, иброз менамояд.

Зери мафҳуми коркарди маълумоти шахсӣ (хусусӣ) дар Қоидахо ҳама гуна амалиёт (ҷараён) ё маҷмуи амалиётҳо (ҷараён) фаҳмида мешаванд, ки бо истифода аз воситаи автоматикӣ ё бе он маълумоти шахсӣ (хусусӣ), аз он ҷумла гирдоварӣ, сабт, мурратабсозӣ, ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, мушаххассозӣ (навкунӣ, тағйир додан), иқтибос, истифодабарӣ, додан (паҳнкунӣ, пешниҳод, дастрасӣ, аз он ҷумла ба шахсони сеюм бо ҳуқуқи коркарди маълумоти шахсӣ (хусусӣ) додан, инчунин ба намуди дигари коркардон-субпудратчиён, операторон:-брокер ва агентони суғуртавӣ: марказҳои иттилоотӣ, бонкҳо, ширкатҳои хизматрасонӣ вобаста ба хизматрасонии шартномаҳои суғурта (аз он ҷумла, тадоруки ҳаққи суғуртавӣ, расонидани хизмати машваратӣ ба мизоҷон, ворид кардани тағйирот ба шартномаҳои суғурта ё қатъ кардани онҳо дар асоси супориши яке аз тарафи шартнома); ширкатҳои ёрирасон, ташкилотҳои ташхисӣ, нархгузорон, сюрвейерҳо, таҳқиққунандагон ва шахсони дигаре, ки дар танзимдарории зиён иштирок доранд; ширкатҳои телекоммуникатсионӣ; корхонаҳои ҳуқуқӣ; аз нав суғуртакунандагон\ ҳамсуғуртакунандагон бо ҳуқуқи коркарди маълумоти шахсӣ (хусусӣ), нақдикунонии маблағ, маҳкам, хориҷ, нобуд кардани маълумоти шахсӣ (хусусӣ), супурдани байни сарҳадии маълумоти шахсӣ (хусусӣ) на дертар аз мақсади коркард пешбинӣ шуда.

Суғурташаванда Шартномаи суғуртаро дар асоси Қоидаи мазкур баста, ҳамчунин ризоияти худро ҷиҳати коркарди маълумоти шахсии худ бо мақсади пешрафти мол,

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

кор, хизматрасонӣ бо роҳи робитаи бевосита бо Суғуртакунанда бо кумаки воситаи алоқа, инчунин гузаронидани пурсиш барои баҳодиҳии сифати мол тасдиқ менамояд.

Дар сурати аз ҷониби субъекти маълумоти шахсӣ пурра даст кашидан аз коркарди он, амали Шартномаи суғурта нисбати шахси мазкур қатъ карда мешавад ва агар субъекти маълумоти шахсӣ, ки аз ризоияти худ даст кашидааст Суғурташаванда бошад, Шартномаи суғурта пурра қатъ карда мешавад. Даст кашидан аз коркарди маълумоти шахсӣ танҳо бо роҳи аз тарафи Суғурташаванда ба объекти коркарди маълумоти шахсӣ пешниҳод намудани аризаи хаттӣ на дертар аз 3 (се) рузи корӣ то санаи дасткашӣ аз ризоият сурат мегирад.

10.11. Дар сурати гум кардани Полиси суғурта дар давраи амали Шартномаи суғурта, Суғуртакунанда дар асоси аризаи хатии Суғурташаванда ба у нусхаи онро месупорад.

10.12. Ҳангоми гузаштани воситаи нақлиёт ба моликияти шахси дигар ба тариқи меросӣ, шартномаи суғурта қувваи эътибори худро то ба охир расидани амали суғурта бо ворид намудани тагйиротҳои зерин ба полиси суғурта: ному насаб ва суроғаи Суғурташаванда дар асоси шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос, нигоҳ медорад.

10.13. Тамоми тағйирот ва иловаҳо ба Шартномаи суғурта ба тариқи хаттӣ дар шакли замима ба он ба расмият дароварда мешаванд ва бояд бо имзою мӯҳри (барои Суғурташаванда- шахси ҳуқуқӣ) Тарафайн тасдиқ карда шаванд.

10.14. Бо талаби Суғуртакунанда ҳангоми бастани Шартномаи суғурта, инчунин дар мавриди ҷоннок кардан, тағйир додани шартҳои суғурта Суғурташаванда (намояндаи ӯ) ВН-ро барои муоина ба намояндаи Суғуртакунанда пешниҳод менамояд. Аз рӯи натиҷаи азназаргузаронӣ Санади азназаргузаронии пеш аз суғурта ё дигар ҳуҷҷат дар шакли бо Суғуртакунанда мувофиқашуда дар ду нусха барои ҳар як тараф тартиб дода, аз ҷониби тарафҳо имзо карда мешавад. Суғурташаванда вазифадор аст ба Суғуртакунанда ВН суғуртшударо барои азназаргузаронии такрорӣ дар ҳама лаҳзаи амали Шартномаи суғурта бо талаби дахлдори Суғуртакунанда пешниҳод намояд.

10.15. Минтақаи амалисуғуртавӣ қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон дониста мешавад, агар дигар ҳолат дар Шартномаи суғурта пешбинӣ нашуда бошад.

10.16. Агар аз руи натиҷаи азназаргузаронии ВН ягон гуна нуқсонҳои қисмат ё қисмҳои эҳтиётӣ ВН ошкор гардад, онгоҳ дар Санади азназаргузаронии пеш азсуғурта хусусият ва дараҷаи чунин нуқсонҳо қайд карда мешаванд.

10.17. Бо ҳама гуна сабабҳо барои нуқсондоршавӣ ва мавҷуд набудани ҷузъҳои ВН (васлҳо, агрегатҳо, қисмҳо), ки дар Санади азназаргузаронии пеш аз суғуртаи ҳангоми азназаргузаронии воситаи нақлиёт дар лаҳзаи бастани Шартномаи суғурта қайд карда шудааст, Суғуртакунанда то лаҳзаи аз тарафи Суғурташаванда бартараф кардани онҳо гузаронидани азназаргузаронии такрорӣ ва қайди он дар Санади азназаргузаронӣ дар бораи бартараф кардани нуқсонҳои мазкур, масъул намебошад. Ҳангоми ба суғурта қабул кардани ВН, Суғуртакунанда барои ҷузъҳои вайрони ҷойдошта, ки ҳангоми азназаргузаронии пеш аз суғурта қайд шудаанд, масъул мебошад, мавриди вайроншавии такрории онҳо дар натиҷаи ҳодисаи суғуртавӣ, ки хусусияти муҳим пайдо мекунанд, тибқи Ҷадвали №1, ки дар Қоида оварда шудааст, ҷавобгу мебошад.

10.18. Шартномаи суғрта ба муҳлати як сол баста мешавад, агар шарти дигаре пешбинӣ нашуда бошад.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

10.19. Шартномаи суғурта тибқи Қоида кутоҳмуддат дониста мешавад, агар муҳлати аз як сол камтар баста шуда бошад.

10.20. Шартнома, агар дар он дигар ҳолат пешбинӣ нашуда бошад, пас аз назаргузаронии ВН (бо истиснои ВН-нав, ки дар автосалонҳо харидорӣ шудааст, инчунин ҳангоми дароз кардани муҳлати Шартномаи суғурта бе канда шудани муҳлати суғурта) ва пардохти ҳаққи суғуртавӣ ё ҳаққи нахустини суғуртавӣ, қувваи эътибор худро пайдо мекунад.

10.21. Ҳангоми пардохти маблағи нақдӣ - аз лаҳзаи пардохти суғуртавӣ, агар дигар шартҳо дар Шартномаи суғурта (Полиси суғурта) пешбинӣ нашуда бошад, аммо на дертар аз 00 соат 00 дақиқаи рӯзе, ки дар Шартнома (Полис) ҳамчун санаи оғози амали пардохти суғуртавӣ дарҷ шудааст.

10.22. Ҳангоми пардохти ғайринақдӣ аз 00 соат 00 дақиқаи рӯзе, ки пас аз рӯзи хориҷ кардани маблағ аз суратҳисоби Суғурташаванда барои интиқоли он ба бонки ваколатдор ба суратҳисоби Суғуртакунанда меояд, аммо на дертар аз 00 дақиқаи рӯзе, ки дар Шартнома ҳамчун санаи оғози амали пардохти суғуртавӣ дарҷ шудааст, агар дигар ҳолат бо Шартнома пешбинӣ нашуда бошад.

10.23. Дар сурати пеш аз муҳлат қатъ гардидани Шартномаи суғурта, агар бо Шартномаи суғурта (Полиси суғурта) дигар шартҳо пешбинӣ нашуда бошанд, Суғуртакунанда бо талаби Суғурташаванда қисми ҳаққи суғуртавии дар давраи гузаштаи муҳлати Шартнома истифоданашударо тибқи ҷадвали зерин бармегардонад:

| *Давомнокии муҳлати амали шартномаи суғурта* | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 | 12 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| *фоиз аз ҳаққи солонаи суғурта* | 70 | 60 | 50 | 40 | 35 | 30 | 25 | 20 | 15 | 10 | 5 | 0 |

Ҳамзамон моҳи нопурраи тақвимии амали Шартномаи суғурта ҳамчун пурра дониста мешавад.

Дар ҳолати бо дархости Суғуртакунанда пеш аз муҳлат қатъ гардидани шартномаи суғурта, Суғуртакунанда ҳаққи суғуртавии пардохтшударо барои муҳлати ба охир нарасида бо тарҳи хароҷотҳои амалӣ намудааш, ки 25% (бисту панҷ фоиз) аз маблағи ҳаққи суғуртавӣ ва ҷуброни суғуртавиро ташкил медиҳад, бармегардонанд.

Агар талаботи Суғуртакунанда нисбати Суғурташаванда оид ба иҷро нагардидани шартномаи суғурта аз ҷониби охирон асоснок шуда бошад, ҳаққи суғуртавӣ ба Суғурташаванда баргардонда намешавад.

Дар ҳолати бо дархости Суғурташаванда пеш аз муҳлат қатъ гардидани шартномаи суғурта, Суғуртакунанда ҳаққи суғуртавии пардохтшударо барои муҳлати ба охир нарасида бо тарҳи хароҷотҳои амали намудааш, ки 25% (бисту панҷ фоиз) аз маблағи ҳаққи суғуртавӣ ва ҷуброни суғуртавиро ташкил медиҳад, бармегардонад.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

Агар талаботи Суғурташаванда нисбати Суғуртакунанда оид ба иҷро нагардидани шартномаи суғурта аз ҷониби охирон асоснок шуда бошад, ҳаққи суғуртавӣ ба Суғурташаванда пурра баргардонида мешавад.

10.24. Ҳангоми мавҷуд будани пардохтҳои суғуртавӣ қисми подош барои давраи сипаринагашта баргардонида намешавад.

10.25. Дар сурати аз тарафи Суғурташаванда (Фоидагиранда) пешниҳод гардидани ҳуҷҷатҳое, ки ба ҳақиқат мувофиқат намекунанд, додани маълумоти бараъло бардурӯғ, ки барои муайян кардани дараҷаи таваккали суғуртавӣ аҳамияти муҳим доранд ва дигар ҳолатҳои фиреби барқасдонаи Суғуртакунанда, охирин ҳуқуқ дорад ба тариқи хаттӣ Суғурташавандаро огоҳ намуда, дар асоси талаботи моддаи 331 ва қисми 3 моддаи 482 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон Шартномаи суғуртаро қатъ намояд. Дар ин ҳолат Шартномаи суғурта дар мухлате, ки Суғуртакунанда қайд намудааст қатъ гардида, подош суғуртавӣ баргардонида намешавад.

10.26.Бо созиши тарафайн Шартномаи қатъшуда бо шарте барқарор карда мешавад, агар Суғурташаванда ҳаққи навбатиро пардохтааст ва ВН-ро ба Суғуртакунанда барои анҷом додани азназаргузаронии такрорӣ пешниҳод намудааст. Ҳамзамон мухлати амали Шартнома тамдид карда намешавад ва Суғуртакунанда аз рӯи зиёне, ки дар давраи аз лаҳзаи қатъ гардидани Шартнома то лаҳзаи барқароркунии он ба вуҷуд омадааст, масъул намебошад.

10.27. Ҳангоми мухолифат намудани меъёрҳои шартномаи суғурта ба меъёрҳои Қоидаи мазкур, меъёрҳои шартномаи суғурта қувваи олии ҳуқуқиро доро мебошад.

## 11. ҲУҚУҚУ УҲДАДОРИҲОИ ТАРАФҲО

11.1. Суғуртакунанда уҳдадор аст:

- Шартномаи суғурта (Полиси суғуртаро) диҳад;
- Суғурташавандаро бо Қоидаи суғурта шинос намояд ва ҳангоми бастани Шартномаи суғурта (Полиси суғурта) ба у нусхаи онро ё нусхаи электронии онро супорад;
- ба Суғурташаванда (Фоидагиранда, Шахси суғурташуда) номгуи ҳуҷҷатҳое, ки барои қабули қарор дар бораи ҳодисаи суғуртавӣ эътироф кардани ҳодиса ва ба амал баровардани пардохти суғурта зарур мебошанд, хабар диҳад;
- пас аз Суғурташаванда (Фоидагиранда) ворид шудани ариза дар бораи пардохти ҷуброни суғуртавӣ, иҷро кардани уҳдадориҳои дар Қоидаи мазкур овардашуда дар мухлати пешбининамудаи Қоида ва Шартномаи суғурта, сабабу ҳолати сар задани ҳодисаи суғуртавӣ мавриди таҳлил қарор гирифта, андозаи зарар муайян карда мешавад, ҳангоми эътироф кардани воқеияти фаророрасии ҳодисаи суғуртавӣ Санади суғуртаи шакли муқарраршударо тартиб дода, пардохти суғуртавиро анҷом диҳад;
- Суғурташавандаро дар бораи рад кардани пардохти ҷуброни суғуртавӣ (пардохти суғуртавӣ) огоҳ намояд, агар асосҳои радкунӣ дар мухлати пешбининамудаи Қоида ҷой дошта бошанд;
- маълумотро дар бораи Суғурташаванда ва вазъи молумулкии у, ки дар натиҷаи фаъолияти касбии худ ба даст овардааст паҳн накунад, ба истиснои ҳолатҳое, ки бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст;
- дигар амалиёти бо Шартномаи суғурта пешбинишударо анҷом диҳад.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

11.2.Суғурташаванда уҳдадор аст:

- ҳаққи суғуртавиро ба андозаю муҳлати пешбининамудаи Шартномаи суғурта пардозад;

- ҳангоми бастани Шартномаи суғурта ба Суғуртакунанда дар бораи тамоми ҳолатҳое, ки барои баҳодиҳии таваккали суғуртавӣ аҳамияти муҳим доранд, инчунин дар бораи тамоми шартномаҳои суғуртаи баста ё набаста шуда нисбати объекти мазкури суғурта хабар расонад, ВН барои азназаргузаронӣ ба Суғуртакунанда пешниҳод намояд;

- дар давраи амали Шартномаи суғурта ба Суғуртакунанда дар бораи тағйирёбии ҳолатҳое, ки ба Суғуртакунанда ҳангоми бастани Шартномаи суғурта хабар дода буд, огаҳ созад, агар ин тағйирот тавонад ба афзоиш ёфтани таваккали суғуртавӣ моҳиятан таъсир расонанд;

ба талабҳои пешниҳоднамудаи ҷабрдида аз рӯи таваккали масъулияти гражданӣ, ки Суғуртакунанда онро суғурта кардааст, бе ризоияти хаттии охирин розӣ нашавад.

- дар давоми се рӯзи тақвимӣ ба Суғуртакунанда ба тариқи хаттӣ дар бораи ворид намудани тағйирот ба Шартномаи суғурта (Полис) хабар расонад:

▪ дар бораи аз қайд баровардани ВН ё аз нав бақайдгирии он дар мақомоти БДА;

▪ дар бораи иваз кардани ҳуҷҷатҳои бақайдгирӣ, рақамҳои бақайдгирӣ;

▪ дар бораи маълумоти ошкоршуда нисбати ВН суғурташуда, аз он ҷумла:

▪ ВН бо вайрон кардани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон харидорӣ шудааст;

▪ нишонаҳои иваз кардашудаи мушаххаси корхонаро доштан;

▪ барасмиятдарории гумрукиро нагузаштааст ё ин ки онро бо вайрон кардани тартиби муқарраршуда ё ба воситаи ҳуҷҷатҳои соҳтакоришуда гузаштааст;

▪ дар БДА аз рӯи ҳуҷҷатҳои сохтакоришуда ба қайд гирифта шудааст.

Воқеияти мазкур бояд ба Суғуртакунанда то фарорасии ҳодисаи суғуртавӣ хабар дода шавад.

- ВН-ро тибқи талаботи пешбининамудаи ҚҲР ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи таъмини бехатарии ҳаракати роҳ нигоҳ дорад ва истифода барад, тадбирҳои эҳтиётӣ бо мақсади пешгирии расонидашудани зарар ба ВН суғуратшуда, ҳаёт ва саломатии ронанда ва мусофирон андешад;

- ба маълумоти Фоидагиранда ва шахсоне, ки ба идоракунии ВН аз рӯи Шартнома роҳ дода шудаанд, талаботи Қоидаҳо ва мазмуни Шартномаи суғуртаи басташударо расонад;

-шартҳои Қоидаро иҷро намояд. Вайрон кардани Қоида аз тарафи Фоидагиранда ва шахсоне, ки ба идоракунии ВН аз рӯи Шартнома роҳ дода шудаанд, ҳамчун вайрон кардани Қоида аз тарафи худи Суғурташаванда дониста мешавад;

- ҳангоми фарорасии ҳодисае, ки аломати ҳодисаи суғуртавӣ дорад:

▪ чораҳои зарурии вобаста ба раҳокунии ВН суғурташуда оид ба пешгирии вайроншавии минбаъдаи он ва кам гардидани зарар андешад;

▪ фавран, ҳамон даме, ки ба у дар бораи фарорасии ҳодисаи суғуртавӣ маълум гардидааст ба мақомотҳои салоҳиятдори давлатӣ хабар диҳад;

▪ фавран, ҳамон даме, ки ба у дар бораи фарорасии ҳодисаи суғуртавӣ маълум гардидааст дар муддати 72 соат (агар дар шартнома муҳлати дигар пешбинӣ нашуда бошад) ба Суғуртакунанда дар ин бора бо қайди тамоми ҳолатҳои сар задани ҳодисаи

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

суғуртавӣ хабар расонад. Тамоми хабарҳо дар бораи ҳодисаҳое, ки аломати ҳодисаи суғуртавӣ доранд дар шакли хаттӣ ва бо имзои Суғурташаванда ё намояндаи ваколатдори у, ки муфассал дар бораи тамоми ҳолатҳои сар задани чунин ҳодиса огоҳ карда шудааст, ё шахсе, ки бевосита ВН дар лаҳзаи фаророасии ҳодисаи мазкур идора мекард, пешниҳод мегарданд;

▪ ба намояндаи Суғуртакунанда воситаи нақлиёти вайроншударо барои азназаргузаронӣ пешниҳод намояд;

▪ ба Суғуртакунанда ҷуброни суғуртавиеро, ки гирифтааст дар ҳаҷми пурра ё қисман баргардонад, агар дар давоми муҳлати пешниҳоди даъво, ки бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст ҳолате ошкор гардад, ки он тибқи қонун ё Қоида пурра ё қисман Суғурташаванда ё Фоидагирандаро аз ҳуқуқи гирифтани ҷуброни суғуртавӣ маҳрум месозад;

▪ Суғуртакунандаро дар бораи аз тарафи Суғурташаванда (Фоидагиранда) гирифтани ҷуброн аз Шахсони сеюм, ки дар расонидани зарар гунаҳгоранд дар давоми 24 соат аз вақти гирифтани чунин ҷуброн, хабар диҳад;

-барои қабули қарор дар бораи пардохти ҷуброни суғуртавӣ Суғурташаванда (Фоидагиранда) вазифадор аст ба Суғуртакунанда ҳуҷҷати аслиро тибқи Қоида пешниҳод намояд:

▪ ҳангоми вайрон шудани ВН суғурташуда ё таҷҳизоти иловагии дар он васлшуда ё гум кардани қисмҳои алоҳида, агрегатҳо, бандҳои ВН дар натиҷаи дуздида бурдан (дуздӣ, ғоратгарӣ, роҳзанӣ);

▪ ҳангоми дуздидани ВН суғурташуда;

▪ ҳангоми расонидани зарари ҷисмонӣ ё молумулкӣ ба Шахсони ҷабрдида (мавриди фаророасии ҳодисае, ки аломати ҳодисаи суғуртавӣ дорад аз рӯи таваккали «Масъулияти шаҳрвандӣ ҳангоми истифодабарии воситаи нақлиёт»;

▪ ҳангоми фаророасии ҳодисае, ки аломати ҳодисаи суғуртавӣ дорад аз рӯи таваккали «Ҳодисаи нохуш».

- бо Суғуртакунанда тартиби таъмири ВН вайроншударо мувофиқа намояд;

- пас аз бартараф кардани зараре, ки бо сар задани ҳодисаи сугуртавӣ ба вуҷуд омадааст ва барқароркунии (таъмири) ВН дар НХТА, ки бо Суғуртакунанда муносибатҳои шартномавӣ надорад, ба Суғуртакунанда ВН-ро барои азназаргузаронӣ пешниҳод намояд. Ҳангоми иҷро накардани уҳдадориҳои мазкур ё рад кардани Суғурташаванда оид ба иҷрои он Суғуртакунанда барои вайроншавии он қисмҳою бастҳои ВН, ки нисбаташон ҷуброни суғуртавӣ пардохта шудааст масъул намебошад;

- бо талаби Суғуртакунанда ба у қисмҳою бастҳои вайроншудаи ВН суғурташударо, ки дар рафти таъмир иваз карда шудааст, супорад. Ҷой, сана ва дигар шартҳо оид ба супурдани онҳо дар ҳар як ҳолати мушаххас мувофиқа карда мешавад;

- ҳуҷҷатҳои ҳисобӣ (шаҳодатномаи бақайдгирии ВН), калидҳо (калидҳои ВН, калидҳою овезаҳо аз дастгоҳи зидди дуздида бурдан)-ро дар ВН суғурташуда намонад.

-бо талаби Суғуртакунанда пас аз арз кардан дар бораи дуздидани калидҳо ва\ё ҳуҷҷатҳои ҳисобӣ (шаҳодатномаи бақайдгирии ВН) дар давоми 3 (се) рӯз ВН-ро барои азназаргузаронӣ пешниҳод намояд. Агар ВН барои азназаргузаронӣ пешниҳод карда нашавад, онгоҳ масъулияти Суғуртакунанда аз рӯи таваккали «Дуздида бурдан» амали

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

худро то пешниҳоди он ё иваз кардани қисмҳои қулф (қулфи дари пеш\ боғчи ВН, қулфҳою овезаҳои дуздида бурдан) ва \ё ҳуҷҷатҳои ҳисобӣ қатъ мекунад;

- Фавран ба тарики хаттӣ ё шифоҳӣ ба Суғураткунанда дар бораи ёфта шудани ВН суғурташудаи дуздидашуда ва ба Суғурашаванда баргардонида шудани он, дар бораи ҷойгиршавии ВН мазкур, ки ба Суғурташаванда маълум шудааст, хабар расонад;

- агар объекти суғурта дар дигар ширкатҳои суғуртавӣ суғурта карда шуда бошад, дар ин бора намояндаи Суғуртакунандаро ба тариқи хатти огоҳонида Полис ва Шартномаи суғуртаро пешниҳод намояд. Дар ҳолати мазкур Шартномаи суғурта ба қисми арзиши суғуртавии пурра суғуртанашудаи объект ё аз рӯи дигар таваккал баста мешавад. Суғуртакунанда дар бораи суғуртаи дукарата дар Полис қайд мегузорад;

- ба Суғуртакунанда ба тариқи хаттӣ дар бораи дигар Шартномаҳои суғуртаи ВН, ки дар давраи амали Шартномаи суғуртаи мазкур баста шудааст, хабар расонад. Агар дар лаҳзаи фарорасии ҳодисаи суғуртавӣ нисбати ВН суғуратшуда инчунин дигар Шартномаҳои суғурта мавриди амал қарор гиранд, ҷуброни зиён мутаносибан ба маблағи суғуртавие, ки ВН аз ҷониби ҳар як Суғурташаванда суғурта шудааст тақсим шуда, Суғуртакунанда ҷубронро танҳо дар қисме, ки ба ҳиссаи у дохил мешавад, мепардозад;

- дигар амалиётҳои бо Шартномаи суғурта (Полиси суғурта) ва Қоидаи суғурта пешбинишударо анҷом диҳад.

<u>11.3.Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад</u>:

- пз Суғурташаванда ва мақомотҳои салоҳиятдор иттилоотро барои муайян кардани воқеияти ҳодисаи суғуртавӣ ва муқаррар кардани андозаи ҷуброни суғуртавии ҷоизи пардохт буда заруроро талаб намояд, инчунин мустақилона сабабу ҳолатҳои фаворасии ҳодисаи суғуртавиро ошкор созад, азназаргузаронию ташхиси ВН вайроншударо гузаронад;

- маълумоти пешниҳоднамудаи Суғурташаванда, инчунин иҷрои (риояи) шартҳои Қоида ва Шартномаи суғуртаро санҷида бароад;

- тағйир додани шартҳои Шартномаи суғурта ва \ё пардохти иловагии ҳаққи суғуратвиро мутаносибан ба афзоиш ёфтани сатҳи таваккали талаб намояд, агар у дар бораи ҳолатҳое, ки ба афзоиш ёфтани таваккали суғуртавӣ оварда мерасонанд огоҳ буд ё аз тарафи Суғурташаванда (Фоидагиранда) огоҳ карда шудааст;

- давоми мухлати Шартномаи суғурта ҳолати ВН суғурташуда ва таҷҳизоти иловагии ба он васлшуда, инчунин дуруст будани маълумоти хабардодаи Суғурташавандаро санҷида бароад (аз назар гузаронад). Огоҳнома дар бораи мақсади гузаронидани азназаргузаронии ВН суғурташуда ба Суғурташаванда на дертар аз 3 (се) рӯз аз санаи эҳтимолии азназаргузаронӣ ирсол намояд. Агар Суғурташаванда аз пешниҳод кардани ВН барои азназаргузаронӣ даст кашад, Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад қатъ кардани Шартномаи суғуртаро талаб намояд;

- аз Суғурташаванда, Фоидагиранда ё Шахси суғурташуда иттилоотеро, ки барои муқаррар кардани воқеияти ҳодисаи суғуртавӣ, ҳолати сар задани он зарур аст, талаб намояд;

- пардохти ҷуброни суғуртавиро то муайян кардани тамоми ҳолатҳои сар задани ҳодисаи суғуртавӣ, аз он ҷумла то гирифтани ҷавобҳои хаттӣ ба дархостҳое, ки ба

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

мақомоти салоҳиятдор ирсол карда шудаанд ва дар ин бора Суғурташавандаро ба тариқи хаттӣ огоҳ намудан, мавқуф гузорад;

- ба Суғурташаванда (Фоидагиранда) пардохти суғуртавиро тибқи шартҳое, ки бо Қоида ва қонунгузорӣ пешбинӣ шудааст, рад намояд;

- пеш аз мӯҳлат қатъ кардани Шартномаи суғурта бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сурате, ки агар аз ҷониби Суғурташаванда, Фоидагиранда, шахсе, ки ба идоракунии ВН аз рӯи Шартнома иҷозат дода шудааст, ба вайрон кардани Қоидаи суғурта ва шартҳои Шартномаи суғурта роҳ додаанд;

- пешбурди парвандаҳоро дар мақомоти судӣ ва ҳакамӣ аз номи ва дар асоси супориши Суғурташаванда пеш барад, инчунин аз номи у нисбати талабҳои пешниҳодкардаи Шахсони ҷабрдида бинобар ба вуҷуд омадани ҳодисаи суғуртавӣ норозигӣ изҳор намояд;

- ба Суғурташаванда оид ба анҷом додани амалиётҳои зарури вобаста ба ҳодисаи суғуртавӣ тавзеҳот диҳад;

- дигар амалиётҳое, ки бо Қоидаи суғурта ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, ба амал барорад.

11.4. <u>Суғурташаванда ҳуқуқ дорад</u>:

- ба гирифтани пардохти суғуртавӣ ҳангоми фарорасии ҳодисаи суғуртавӣ аз рӯи таваккали суғурташуда дар доираи маблағ ва ҳудуди масъулияти дар Шартномаи суғурта қайдгардида;

- аз Шартномаи суғурта тибқи шартҳои пешбининамудаи Коидаҳои суғурта дар бораи пеш аз муҳлат қатъ кардани Шартнома бо ташаббуси Суғурташванда, даст кашад;

- ба гирифтани нусхаи Полиси суғуртавӣ, ҳамзамон ҳангоми гум кардани он дар давраи амалаш Суғурткунанда нусхаи онро дар муддати 5 (панҷ) рӯзи корӣ пас аз гирифтани ариза дар бораи гум кардани Полис ба Суғурташаванда месупорад. Пас аз додани нусхаи Полиси суғурта ба Суғурташаванда Полиси гумшуда беэътибор дониста, аз рӯи он пардохтҳо ба амал баровардa намешаванд;

- дар сурати гузаштани воситаи нақлиёт ба соҳибияти шахси дигар Суғурташаванда ҳуқуқ дорад полисро ба номи молики нави ВН ё Шартномаи суғуртаро нисбати воситаи нақлиёти бар ивази пештара харидорӣ намуда, бо аз нав ҳисобӣ кардани ҳаққи суғуртавӣ аз нав ба расмият дарорад;

- Шартномаи суғурта дигар ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафҳоро, ки бархилофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нестанд, муқаррар менамояд.

## 12. МУАЙЯН НАМУДАНИ ҲАҶМИ ЗИЁН Ё ЗАРАР

12.1. Суғурткунанда ба Суғурташаванда (Фоидагиранда, Шахси суғурташуда, Шахсони ҷабрдида) зараре, ки дар натиҷаи сар задани ҳодисаи суғуртавӣ ба амал омадааст ба тариқи дар Шартномаи суғурта (Полиси суғурта) қайдшуда ва ба андозаи мутобиқи мазмуни фасли мазкур муайянгардида ҷуброн менамояд.

12.2. Дар сурате, ки агар маблағи суғуртавии дар Шартномаи суғурта (Полиси суғурта) муқаррааргардида аз арзиши аслии ВН дар лаҳзаи фарорасии ҳодисаи суғуртавӣ камтар бошад (суғуртаи нопурраи молумулкӣ), он гоҳ Суғурткунанда ба Суғурташаванда ё Фоидагиранда қисми зараре, ки охирин дидааст, мутаносиби маблағи

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

суғуртавӣ ба арзиши суғуртавӣ ҷуброн менамояд, агар дигар шартҳо дар Шартномаи суғурта пешбинӣ нашуда бошанд.

**12.3. Ҳангоми сар задани ҳодисае, ки аломати ҳодисаи суғуртавӣ дорад аз рӯи таваккали «Зарари қисмӣ» ва\ё «Таҷҳизоти иловагӣ»:**

12.3.1. Ҳаҷми ҷуброни суғуртавӣ аз рӯи таваккали «Зарари қисмӣ» ва \ё «Таҷҳизоти иловагӣ» аз ҷониби Суғуртакунанда дар асоси ҳуҷҷатҳое, ки андозаи зарарро тасдиқ мекунанд ва дар доираи маблағи суғуртавие, ки бо Шартномаи суғурта муқаррар карда шудааст, пардохта мешавад.

12.3.2.Ҷуброни суғуртавӣ ба андозаи арзиши воқеии барқароркунии он пардохта мешавад. Суғуртакунанда арзиши қисмҳо, гиреҳҳо ва агрегатҳои ивазшударо мутобиқи арзиши аслии онҳо бе дарназардошти фарсудагӣ мепардозад, агар дигар шартҳо бевосита дар шартномаи суғурта оварда нашуда бошанд, аммо дар сурати иваз кардани кузов, муҳаррик, батареяи аккумулятор, чарххо, ҷузъҳои сохтори баровардани газҳои коркардшуда ва қисмҳои овезон, Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад ҷуброни суғуртавиро бо дарназардошти фарсудагии қисмҳо, гиреҳҳо ва агрегатҳои ивазшуда пардозад.

12.3.4. Суғуртакунанда тибқи таснифгари нуқсонҳои ВН (ҷадвали №1), ки ҳангоми азнагаргузаронии ВН мавриди бастани Шартнамои суғурта ошкор гардидааст амал менамояд ва дар асоси он масъулияти Суғуртакунанда ҳангоми танзимдарории ҳодисаҳои суғуртавӣ дар сурати ошкор кардани нуқсонҳои комилан мутобиқ, муқаррар карда мешавад.

Ҷадвали №1

| № | *Нуқсонҳо дар лаҳзаи суғуртакунии ВН* | | | *Нуқсонҳое, ки ҳангоми ҳодисаи суғуртавӣ арз шудаанд* | |
|---|---|---|---|---|---|
| | *Тасвири нуқсонҳо* | *Номгуи нуқсонҳо* | *Корҳои таъмирии зарурӣ* | *Номгуи нуқсонҳо* | *Масъулияти Суғуртакунанда ҳангоми батанзимдарории ҳодисаи суғуртавӣ* |
| *1* | *2* | *3* | *4* | *5* | *6* |
| 1 | Вайрон шудани ЛКП (микро задаҳо Ø зиёда аз 3 мм, ё бо шумораи зиёда аз 5 адад ё харошаҳои дарозиашон гуногун) бе вайрон кардани геометрияи кисми эҳтиётӣ | Вайрон шудани ЛКП | Ранг кардани кисми эҳтиётӣ | Нуқсонҳои ЛКП | Ҷило додан 0% |
| | | | | Вайрон шудани ЛКП | Рангу бор 0% |
| | | | | Тағйирёбии кисм | Таъмир 100%, Рангу бор 50% |
| | | | | Несту нобуд шудани қисм | Ивазкунӣ 100%, Рангу бор 100% |
| 2 | Тағйирёбии кисм бо дарозкунии металл дар масофаи то 35% -и болои он, тағйирёбии мавқеӣ (Ø до 25 мм), тағйирёбии кисм бо дарозкунии чуқури металл дар масофаи то 10% -и болои он | Тағйирёбии қисм | Таъмири қисм, рангубори он | Нуқсонҳои ЛКП | Ҷило додан 0% |
| | | | | Вайрон шудани ЛКП | Рангу бор 0% |
| | | | | Тағйирёбии кисм | Таъмир (танҳо бартараф кардани нуқсонҳое, ки дар натиҷаи ҳодисаи суғуртавӣ бар вуҷуд омадааст), рангу бор 0% |
| | | | | Несту нобуд шудан ё мавҷуд набудани қисм | Ивазкунӣ 100%, Рангу бор 50% |
| 3 | Тағйирёбии кисм бо дарозкунии металл дар масофаи то 35% -и болои он, тағйирёбии мавқеӣ | Несту нобуд шудани қисм | Таъмири қисм, рангу бори он | Нуқсонҳои ЛКП | Ҷило додан 0% |
| | | | | Вайрон шудани ЛКП | Рангу бор 0% |

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | (Ø до 25 мм), тағйирёбии қисм бо дарозкунии чуқури металл дар масофаи то 10% -и болои он, тағйирёбИ бо кашшавии охан-басти қисм, кандашавӣ, пайдоиши чин ва тағйирёбӣ дар ҷойҳои дастнорас | | | Тағйирёбии қисм | Таъмир 0%, Рангу бор 0% |
| | | | | Несту нобуд шудан ё мавҷуд набудани қисм | Ивазкунӣ 0%, Рангу бор 0% |
| 4 | Нуқсонҳои шишаҳо, ҷузъҳои оинаҳо, фонусҳои қафо, фурузонакҳои нурпош (задаҳо, харошаҳо,кафидаҳои андозаашон гуногун) | Несту нобуд шудани қисм | Ивази қисм | Несту нобуд шудан ё мавҷуд набудани қисм | Ивазкунӣ 0% |
| 5 | Нуқсонҳои руйкашҳои дарун (руйкашҳои дарҳо, ҷойҳои нишаст), панели асбобҳо ва қисмиҳои дигар ва ҷузъҳои муқаррарии дохилии воситаи наклиёт | Несту нобуд шудани қисм | Ивази қисм | Несту нобуд шудан ё мавҷуд набудани қисм | Ивазкунӣ 0% |
| 6 | Нуқсонҳои ЛКП қисмҳои воситаи наклиёт, ки бо рангу бори бесифати қаблӣ алоқаманд мебошад (бо гуногунии рангубор, рангубор бо вайроркунии технология (рукашкунии чармӣ, васлкунии бегона, қабад-қабад шудани болои он.) | Рангубори бесифат | Рангу бори қисм | Нуқсонҳои ЛКП | Танҳо пардохт аз рӯи нархгузорӣ бо дарназардошти рангу бори қисмҳо дар ҳаҷми 50% |
| | | | | Вайрон шудани ЛКП | |
| | | | | Тағйирёбии қисм | |
| | | | | Несту нобуд шудан ё мавҷуд набудани қисм | |
| 7 | мавҷуд набудани қисмҳои (ҷузъҳои) воситаи наклиёт | Мавҷуд набудани қисм | Ивази қисм | мавҷуд набудани қисм | Ивазкунӣ 0%, Рангу бор 0% |

Шарҳу эзоҳ ба ҷадвали №1:

– дар сутунчаи №2 тавсири нуқсонҳо\вайроншавии ВН, ки дар варақаи азназаргузаронии ВН-и ба Шартномаи суғурта замимашуда қайд гардидааст;

– дар сутунчаи №3 номгуи хусусияти нуқсонҳо\вайроншавии ВН, ки дар варақаи азназаргузаронии ВН-и ба Шартномаи суғурта замимашуда қайд гардидааст;

– дар сутунчаи №4 корҳои зарурии таъмирӣ оид ба бартараф кардани нуқсонҳо\вайроншавии ВН, ки дар варақаи азназаргузаронии ВН-и ба Шартномаи суғурта замимашуда қайд гардидааст;

– дар сутунчаи №5 номгуи нуқсонҳо\вайроншавии воқеии ВН, ки дар Санади азназаргузаронии ВН-и аз рӯи ҳодисаи суғуртавии Суғурташанада арзнамуда қайд гардидааст;

– дар сутунчаи №6 масъулияти Суғуртакунанда назди Суғурташаванда дар бораи гузаронидани корҳои таъмирӣ оид ба дуруст кардани қисмҳои ВН, нуқсонҳое, ки дар варақаи азназаргузаронии ВН-и ба Шартномаи суғурта замимашуда қайд гардидааст. Андозаи масъулият бо фоиз нишон додашуда, ҳамзамон 100% ба корҳои иҷрошуда дар ҳаҷми пурра мутобиқ буда, 0% мавҷуд набудани масъулияти суғуртакунанда нисбати таъсири таъмири мазкур.

12.3.5.Бо созиши тарафҳои Шартномаи суғурта ҷуброни суғуртавӣ бо роҳи пардохти маблағи пулӣ (накдӣ ва \ё ғайринакдӣ) ё бевосита ба Суғурташаванда (Фоидагиранда) ё (ба истиснои ҳодисаҳои суғуртавӣ аз рӯи таваккали «Пурра несту нобуд шудан» бо супориши охирин ва ба фоидаи НХТА, ки бо Суғуртакунанда муносибатҳои шартномавӣ дорад ва таъмири ВН-и зарардидаро ба амал баровардааст (ба амал мебарорад) сурат мегирад. Ба арзиши иҷрои корҳои таъмирӣ-барқароркунӣ дохил мешаванд:

– арзиши қисмҳои эҳтиётие, ки ҳангоми таъмири ВН истифода бурда шудааст;

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

– арзиши маводи сарфашуда;
– арзиши иҷрои корҳои таъмирӣ;
– арзиши гузаронидани ташхиси мустақим, ки бо ташаббуси Суғурташаванда бо мувофиқа бо у таъин шудааст.

12.3.6.Дар сурати гумшавӣ, пурра несту нобуд шудани ВН ва\ё таҷҳизоти иловагии ба он васлшуда, Суғурташаванда ҳуқуқ дорад то санаи анҷом додани ҷуброни суғуртавӣ аз ҳуқуқи худ оид ба ВН ва қисмҳои боқимондаҳои коршоями он ба фоидаи Суғуртакунанда даст кашад, дар ин ҳолат ҷуброни суғуртавӣ ба андозаи пурраи маблағи суғуртавӣ аз рӯи таваккал бо дарназардошти муқаррароти банди 6.6. Қоидаи суғурта пардохта мешавад.

12.3.6.1.Дар сурати пурра несту нобуд шудани ВН ва \ё таҷҳизоти иловагии ба он васлшуда, агар Суғурташаванда (Фоидагиранда) аз ҳуқуқи худ оид ба ВН ва қисмҳои боқимондаҳои коршоями онҳо ба фоидаи Суғуртакунанда (Фоидагиранда) даст накашад, дар ин ҳолат қисмҳои боқимондаҳои коршоями ВН вайроншуда ва таҷҳизоти иловагии он дар дасти Суғурташаванда (Фоидагиранда) мемонанд, ҳамзамон ҷуброни суғуртавӣ бе дарназардошти кӯҳнашавӣ (фарсудагӣ) дар давраи амали Шартномаи суғурта, бо тарҳи арзиши қисмҳои боқимондаҳои коршоям, пардохта мешавад.

12.3.6.2. Ҳамзамон пардохт пас аз ба Суғуртакунанда супурдани ваколатнома бо ҳуқуқи бегонакунии ВН суғурташуда ба амал бароварда мешавад.

12.3.6.3. Ҳамзамон тамоми хароҷотҳои иловагӣ ба амсоли бартараф кардани нуқсонҳо, аз қайд баровардани ВН бар дӯши Суғурташаванда вогузор карда мешавад.

12.3.6.4. Нуқсонҳо ва пурра несту нобуд шудани резинаҳои дискҳои чархҳо ҳангоми ҳаракати ВН танҳо ҳамон вақт ҷуброн мегарданд, агар дигар қисмҳои эҳтиётӣ, қисмҳою агрегатҳои ВН вайроншуда, ҳодисаи суғуртавӣ эътироф гардида, бавосита ё бевосита ба ҳодисаи мазкур мансуб мебошад.

12.3.6.4.Ҳаҷми зарар ва сабабҳои ба вуҷуд омадани он аз тарафи ташхисгарони Суғуртакунанда (дигар намояндагони ваколатдор) бо роҳи гузаронидани азназаргузаронии ВН вайроншуда ва таҷҳизоти иловагии ваколатдори давлатӣ, ташкилотҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳо додашуда барои танзимдарории зарар ҳатмӣ набошанд ва ВН барои таъмир кардан аз ҷои ҲРН бе азназаргузаронии ташхисгарон ирсол мегардад.

12.3.6.5. Агар ВН дар натиҷаи ҳодисаи суғуртавӣ аз имконияти мустақилона ҳаракат карданаш маҳрум гаштааст, он гоҳ Суғуртакунанда ба Суғурташаванда хароҷоти оқилонаро оид интиқоли он то устохонаи таъмирии наздиктарин, инчунин хароҷотҳои зарурию мақсаднок оид ба наҷотдиҳии ВН суғурташудаи мазкур, пешгирӣ ва кам кардани зарар, бо шарте, ки онҳо бо ҳуҷҷат тасдиқ карда шудаанд, ҷуброн мекунад.

12.3.6.6. Агар бо Шартномаи суғурта ҳолати дигар пешбинӣ нашуда бошад, Суғуртакунанда зараре, ки бо бартараф кардани вайроншавию нуқсонҳои пинҳоние, ки бо сарзадани ҳодисаи суғуртавиро ба миён омада, дар рафти таъмир ошкор гардиданду бо ҳуҷҷат тасдиқ карда шудаанд, ҷуброн менамоянд. Дар сурати гузаронидани таъмири барқароркунӣ дар НХТА, ки бо он Суғуртакунанда муносибати шартномавӣ на дар рафти таъмир ошкор шудани вайроншавию нуқсонҳои пинҳонӣ, Суғурташаванда вазифадор аст ба тариқи хаттӣ Суғуртакунандаро дар ин бора то оғози бартараф кардани онҳо барои тартиб додани Санади иловагии азназаргузаронӣ огоҳ созад.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

**12.4. Ҳангоми дуздидани ВН суғурташуда ва таҷҳизоти иловагии ба он васлгардида.**

12.4.1. Ҷуброни суғуртавӣ аз рӯи таваккали "Дуздида бурдан" мавриди пардохт ба андозаи маблағи суғуртавӣ бе дарназардошти кӯҳнашавӣ (фарсудагӣ) муайян карда мешавад.

12.4.2. Дар сурати дуздида шудани ВН суғурташуда Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад пардохти ҷуброни суғуртавиро бо ҷуброни зарар дар шакли нақдӣ бо роҳи пешниҳоди айнан ҳамин гуна ВН иваз намояд. ВН ҳамон вақт монанд донситаи мешавад, агар ба амсоли ВН суғурташуда айнан ҳамини гуна тамға, маҷмуъ ва соли барориш дошта бошад.

**12.5. Ҳангоми фаррасии ҳодисае, ки дар натиҷаи сар задани он тарафи шахсони сеюм даъво дар бораи барқарор кардани зарар (ҳангоми фаррасии ҳодисаи суғуртавӣ аз рӯи таваккали "Масъулияти шаҳрвандӣ мавриди истифодабарии воситаи нақлиёт") пешнҳод мегардад ё пешниҳод гаштааст.**

12.5.1. Агар бо Шартномаи суғурта ҳолати дигар пешбинӣ нашуда бошад, дар сурати мавҷуд будани шартномаи суғуртаи ҳатмии масъулияти шаҳрвандӣ соҳибони воситаи нақлиёт нисбати ВН суғурташуда пардохти ҷуброни суғуртавӣ аз рӯи таваккали "Масъулияти шаҳрвандӣ мавриди истифодабарии воситаи нақлиёт", пас аз пардохт шудани ҷуброни суғуртавӣ аз рӯи шартномаи суғуртаи ҳатмии масъулияти граждании соҳибони воситаи нақлиёт, аммо на зиёда аз маблағи суғуртавие, ки аз рӯи таваккали "Масъулияти шаҳрвандӣ мавриди истифодабарии воситаи нақлиёт" муқаррар карда шудааст, амалӣ карда мешавад.

12.5.2. Маблағи суғуртавӣ аз рӯи таваккали "Масъулияти гражданӣ мавриди истифодабарии воситаи нақлиёт" агрегатӣ мебошад, яъне он ба андозае пардохтҳои суғуртавиро анҷомдода кам карда мешавад, агар бо Шартномаи суғурта ҳолати дигар пешбинӣ нашуда бошад.

12.5.3. Андозаи ҷуброни суғуртавӣ аз тарафи Суғуртакунанда дар асоси ҳуҷҷатҳое, ки воқеияти раснидан ва андозаи зарарро тасдиқ менамоянд тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Т оҷикистон ва Қоидаи суғурта муқаррар карда мешавад.

12.5.4. Ба маблағи ҷуброни суғуртавӣ хароҷот оид ба ҷуброни зараре, ки ба шахсони ҷабрдида расонида шудааст ва онҳо ҳуқуқи ҷуброни онро мутобиқи қонунгузорӣ, аз ҷумла Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон доранд, дохил мешавад:

12.5.4.1. Дар сурати расонидани зарар ба саломатӣ ё фавти шахси воқеъӣ ба хароҷоти зикргардида дохил мешаванд:

-музди меҳнате, ки ба ҷабрдида биноар гум кардани қисми саломатӣ зарур мебошад (ғизогирӣ, табобати санаторӣ-осоишгоҳӣ, нигоҳубини бегона, протезмонӣ, харачоти нақлиётӣ, барои хизматрасонии музднoки тиббӣ ва ғ);

-қисми музди меҳнате, ки дар ҳолати фавтидани ҷабрдида, шахсони ғайри қобили меҳнати дар таъминоти у қарордошта ё ҳуқуқи аз у гирифтани таъминотро доштаанд маҳрум гаштаанд;

-хароҷот барои дафн.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

12.5.4.2. Дар ҳолати ба шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ расонидани зарари молу мулкӣ хароҷотҳои зикргардида ҳамчун зараре, ки ба амвол бинобар несту нобуд ё вайрон кардани он расонида шудааст, муайян карда мешавад:

-ҳангоми пурра несту нобуд шудани амвол зарар ба арзиши аслии амволи несту нобудгардида бо тарҳи фарсудагӣ ва арзиши қисмҳои боқимондае, ки барои истифодабарӣ коршоям мебошанд баробар аст: Чунин вайроншавии амвол, ки ҳангоми он барқарор кардани амвол аз ҷиҳати иқтисодӣ самарабахш намебошад, яъне арзиши корҳои барқароркунӣ аз арзиши харидорӣ намудани айнан ҳамин гуна амвол то лаҳзаи фарорасии ҳодисаи суғуртавӣ барзиёд аст, пурра несту нобуд шудани амвол дониста мешавад;

-ҳангоми қисман несту нобуд шудани амвол зарар ҳамчун маблағи хароҷоте муқаррар карда мешавад, ки барои амволи вайронгаштаро ба ҳолате, ки то сар задани ҳолати суғуртавӣ дошт овардан зарур мебошад.

12.5.6. Андозаи хароҷотҳои зикргардидаро ҳангоми тариқи пеш аз судӣ ба танзим даровардани даъвоҳо бо созиши Суғуртакунанда ва шахсе, ки даъворо пешниҳод намудааст бо иштироки Суғурташаванда ва Шахси суғурташуда муайян карда мешавад.

12.5.7. Дар сурате, агар Тарафҳои қайдгиранда бо созиши қобили қабул наомада бошанд, онгоҳ андозаи хароҷот оид ба ҷуброни зарари расонидашуда бо ҳалномаи мақомоти судӣ муайян карда шавад.

12.5.8. Андозаи хароҷоти Суғурташаванда, ки аз тарафи Суғуртакунанда ҷуброн карда мешавад ва бо қонеъгадонии талаботҳои асосноки Шахсони ҷабрдида нисати Суғурташаванда алоқаманд, инчунин дигар хароҷотҳое, ки бо Қоидаҳо пешбинӣ шудаанд, набояд аз андозаи маблағи суғуртавӣ аз рӯи таваккали “Масъулияти гражданин соҳибони воситаи нақлиёт”, ки бо Шартномаи суғурта муқаррар карда шудааст, зиёд бошад.

**12.6. Ҳангоми сар задани ҳодисае, ки аломати суғуртавӣ аз рӯи таваккали “Ҳодисаи нохуш” дорад.**

12.6.1.Пардохти суғуртавӣ аз рӯи таваккали “Ҳодисаи нохуш” дар доираи маблағи суғуртавӣ сурат мегирад, агар ҳодисаи нохуш ба марг ва гум кардани доимии қобилияти меҳнати умумии (ба вуҷуд омадани маъюби) Шахси суғурташуда, ки дар ВН дар лаҳзаи ҳодисаи суғуртавӣ қарор дошт оварда расонидааст. Агар дар натиҷаи ҳодисаи суғуртавӣ марги Шахси суғурташуда ба вуҷуд омада бошад, он гоҳ пардохт ба меросгирони ӯ аз рӯи қонун ё дар асоси васиятнома анҷом меёбад, агар дар Шартномаи суғурта Фоидагирандаи дигар номбар карда нашуда бошад.

12.6.2.Ҳангоми сар задани ҳодисаи суғуртавӣ Суғуртакунанда пардохти суғуртавиро ба андозаи зерин анҷом медиҳад:

12.6.2.1. Дар ҳолати вафот кардани Шахси суғурташуда:

Ҳангоми суғуртакунӣ аз рӯи «Низоми умумӣ» – ба андозаи ҳудуди пардохт нисбати ҳар як Шахси суғурташуда. Ҳамзамон ҳудуди пардохт баробар ба:

– 40% аз маблағи суғуртавӣ, агар дар натиҷаи ҳодисаи суғуртавӣ як Шахси суғурташуда зарар бардошта бошад;

– 35% аз маблағи суғуртавӣ, агар дар натиҷаи ҳодисаи суғуртавӣ ду Шахси суғурташуда зарар бардошта бошад;

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

– бо ҳиссаҳои баробар нисбати ҳар як ҷабрдида, агар дар натиҷаи ҳодисаи суғуртавӣ се ё зиёда аз он Шахси суғурташуда зарар бардошта бошад.

Ҳангоми суғуртакунӣ аз рӯи «Низоми ҷойҳо» – ба андозаи маблағи суғуртавӣ барои як ҷой.

12.6.2.2. Дар сурати ба вуҷуд омадани аз дастдиҳии доимии қобилияти меҳнатии (ба вуҷуд омадани маъюбии) Шахси суғурташуда, пардохтҳо ба тариқи зайл сурат мегиранд:

Ҳангоми суғуртакунӣ аз рӯи «Низоми умумӣ»

- гуруҳи 1 – 100% аз меъёри пардохт нисбати ҳар як Шахси суғурташуда;
- гуруҳи 2 – 75% аз меъёри пардохт нисбати ҳар як Шахси суғурташуда;
- гуруҳи 3 – 50% аз меъёри пардохт нисбати ҳар як Шахси суғурташуда.

Ҳангоми суғуртакунӣ аз рӯи «Низоми ҷойҳо»:

- гуруҳи 1 – 100% аз маблағи суғуртавӣ барои як ҷой;
- гуруҳи 2 – 75% аз маблағи суғуртавӣ барои як ҷой;
- гуруҳи 3 – 50% аз маблағи суғуртавӣ барои як ҷой.

12.6.3.Маблағи умумии пардохт аз рӯи тамоми ҳодисаҳои суғуртавӣ набояд аз маблағи суғуртавие, ки дар Шартномаи суғурта (Полис) аз рӯи таваккали мазкур муқаррар карда шудааст зиёд бошад.

12.7. Хароҷоти амалинамудаи Суғурташаванда ё Шахси суғурташуда баҳри кам кардани зарарҳои ҷоизи аз ҷониби Суғуртакунанда ҷубронбуда, агар чунин хароҷотҳо зарурат доштанд ва ё барои иҷроиши супоришҳои Суғуртакунанда анҷом дода шудаанд, новобаста аз он ки он чораҳои дахлдор тибқи тартиби пешбининамудаи моддаи 1048 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, бемуваффақият буданд, ҷуброн карда мешаванд.

Барои ҷуброни ҳароҷоти мазкур Суғурташаванда вазифадор аст ҳуҷҷатҳое, ки андозаи хароҷот ва воқеияти анҷом додани чунин хароҷот барои кам кардани зиён ё иҷроиши супоришҳои Суғуртакунандаро тасдиқ менамоянд, пешниход намояд.

## 13. ТАРТИБИ МУАЙЯНКУНИИ МАБЛАҒИ ПАРДОХТИ СУҒУРТАВӢ (ПАРДОХТИ ҶУБРОНИ СУҒУРТАВӢ)

13.1. Тартиби ҷуброни зарар бо мазмуни Фасли мазкур муқаррар карда мешавад. Ҷуброни суғуртавӣ пас аз он, ки сабабҳо, иштирокчиён (ҳангоми мавҷуд будани онҳо), оқибати ҳодисаи рухдода ва андозаи зарар, дар сурати эътироф кардани ҳодисаи рухдода аз тарафи Суғуртакунанда ҳамчун ҳодисаи суғуртавӣ пардохта мешавад. **Ҳамзамон уҳдадорӣ оид ба пешниҳоди ҳуҷҷатҳое, ки сабаби сар задани ҳодисаи суғуртавӣ ва андозаи зарарро асоснок мекунанд бар дӯши Суғурташаванда, Фоидагиранда, Ронандагон ва Шахсони суғурташуда вогузор карда мешаванд.**

13.2. Ҳангоми фарорасии ҳодисае, ки аломати ҳодисаи суғуртавӣ дорад, Суғурташаванда, намояндаи ӯ, шахсе, ки ба идоракунии ВН иҷозат дода шудааст вазифадоранд фавран тамоми чораҳои оқилонаро оид ба наҷот додани ВН ва шахсони дар он буда, пешгирии вайроншавии минбаъдаи ВН ва бартараф кардани сабабҳое, ки ба вуҷуд омадани зарари иловагӣ мусоидат менамоянд, инчунин иҷрои уҳдадориҳои дахлдори дар Қоида пешбинӣ шударо, андешида бароянд.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

13.3. Суғуртакунанда ҳангоми аз ҷониби Суғурташаванда ё шахсе, ки ба идоракунии ВН роҳ дода шудааст барқасдона чораҳои оқилона ва дастрасро оид ба кам кардани зиёни эҳтимолӣ наандешидан, аз пардохти ҷуброни зарар озод карда мешавад.

13.4. Пардохти ҷуброни суғуртавӣ дар давоми 15 (понздаҳ) рӯзи корӣ баъди аз тарафи Суғуртакунанда эътироф кардани ҳодисаи суғуртавӣ ва аз Суғурташаванда (Фоидагиранда, Шахсони суғурташуда) гирифтани тамоми ҳуҷҷатҳои талабшуда, амалӣ мешавад.

13.5. Агар шарти дигар бо Шартномаи суғурта пешбинӣ нашуда бошад, рӯзи пардохти суғуртавӣ санаи хориҷ кардани маблағи суғуртавӣ аз суратҳисоби Суғуртакунанда, санаи тартиб додани Санади суғуртавии шакли муқаррargардида ҳангоми пардохти маблағҳои пулӣ аз хазинаи Суғуртакунанада, рӯзи гузоштани имзоҳои Суғурташаванда (Фоидагиранда) ва Суғуртакунанда дар созишнома дар бораи ҳисобии талабҳои оқилонаи пулӣ ё рӯзи додани роҳхат барои таъмири ВН вайрон гардида ва \ё дар он васл кардани таҷҳизоти иловагӣ, дониста мешавад.

13.6. Уҳдадориҳои Суғурташаванда оид ба пешниҳоди ҳуҷҷатҳое, ки дар Фасли мазкури Қоида нишон дода шудаанд, аз ҷониби Фоидагирандагон, шахсоне, ки ба идоракунии ВН роҳ дода шудаанд ё Шахсони ҷабрдида (Ҷабрдидагон ва\ё дар натиҷаи ҲРН дар қисми суғуртакунии таваккали «Масъулияти шаҳрвандӣ ҳангоми истифодабарии ВН зарар бардошта) иҷро карда мешаванд.

**13.7. Ҳангоми фаро расии ҳодисае, ки аломати ҳодисаи суғуртавӣ аз рӯи таваккали "Зарар" ва /ё "Таҷҳизоти иловагӣ" дорад, Суғурташаванда , намояндаи ӯ, шахсе, ки ба идоракунии ВН иҷозат дода шудааст, вазифадоранд:**

13.7.1. Фавран, ҳамон лаҳзае, ки ба ӯ дар бораи ҳодисаи суғуртавӣ маълум гардидааст ба мақомотҳои салоҳиятдори дахлдор хабар расонад (ҳангоми ҲРН ба БДА, ҳангоми вайрон шудани ВН суғурташуда дар натиҷаи ҳаракатҳои ғайриҳуқуқии шахсони сеюм, дуздидани қисмҳои эҳтиётии он дар натиҷаи ҳолатҳои фавқуллодаи табиӣ ба шӯъбаи наздиктарини милитсия, ҳангоми сухтор ба раёсати зидди сухтор) ва расмиятдарории ҳуҷҷатгузории ҳодисаи суғуртавиро таъмин намояд. Шарти мазкур дар сурати вайрон шудани ҷузъҳои шишабандӣ, низоми сигналдиҳӣ, нурпоши беруна, инчунин дигар ҳолатҳои ба Суғуртакунанда мувофиқа кардашуда ҳатмӣ намебошад.

13.7.2. Ба тариқи шифоӣ ё хаттӣ (бо шакли муқаррарнамудаи Суғуртакунанда) ба Суғуртакунанда дар бораи вайрон шудани ВН бо тасвири муфассали тамоми ҳолатҳои ба ӯ маълумбуда дар муддати 5 (Панҷ) рӯзи корӣ (агар муҳлати дигар бо Шартномаи суғурта пешбинӣ нашуда бошад) аз лаҳзае, ки ба Суғурташаванда, намояндаи ӯ, шахсе, ки идоракунии ВН иҷозат дода шудааст дар бораи ҳодисаи суғуртавӣ маълум гардидааст сар карда, хабар расонад.

13.7.3. Ба ғайр аз ариза дар бораи ҳодисаи суғуртавӣ барои баррасии даъво оид ба ҷуброни суғуртавӣ ба Суғуртакунанда ҳуҷҷатҳои зерине, ки ба Суғуртакунанда мувофиқа карда шудааст, пешниҳод намояд:

13.7.3.1. Шартномаи суғурта (Полиси суғурта, дигар ҳуҷҷате, ки воқеияти суғуртакунии ВН-ро тасдиқ менамоянд ва ҳуҷҷате, ки пардохти подош ё ҳаққи навбатии суғуртавиро тасдиқ мекунад (расид, чек ва ҳуҷҷати дигаре, ки воқеияти пардохти маблағи пулиро аз рӯи шартнома тасдиқ менамояд);

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

13.7.3.2. ваколатнома оиди ҳуқуқи пешбурди парванда дар ширкати суғуртавӣ (барои шахси ҳуқуқӣ ва намояндаи Суғурташаванда);

13.7.3.3. шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии ВН;

13.7.3.4. ваколатнома дар бораи ҳуқуқи идоракунии ВН ё варақаи сайрхат;

13.7.3.5. шаҳодатномаи ронандагии шахсе, ки ба идоракунии ВН иҷозат дода шудаст;

13.7.3.6. ариза дар бораи пардохт бо қайди нишонаҳои бонкии Суғурташаванда барои интиқол додани маблағи пулӣ, агар пардохти ҷуброни суғуртавӣ бо роҳи ғайринақдӣ сурат гирад;

13.7.3.7.ҳуҷҷатҳои аслии мақомотҳои салоҳиятдори давлатӣ, ки воқеияти фарорасии ҳодисаи суғуртавӣ ва оқибатҳои онро бо қайди ҳолатҳои сарзадани он тасдиқ менамояд, аз он ҷумла:

- ҳангоми вайрон кардани ВН дар натиҷаи ҲРН – ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи БДА бо қайди ҷой ва вақти ҲНР, ному насаб ва суроғаи тамоми иштирокчиёни ҲРН/ҷой доштан/наоштани мастии алкоголӣ (нашъамандӣ) намуда вайронкунии ҚҲР, доштани шаҳодатномаи ронандагии гуруҳи дахлдор, инчунин номгӯи нуқсонҳое, ки ба ВН суғурташуда дар натиҷаи ҲРН расидааст. Бо чунин ҳуҷҷатҳо метавонанд мансуб бошанд: маълумотнома дар бораи ҳодисаи роҳи нақлиёти ё нусхаҳои суратҷаласа ва қарор дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, таъинот (агар бароварда шудааст), маълумотномаҳои намунаҳои муқарраргардида ва аз тарафи мақомоти тафтишии пешакӣ тасдиқкардашуда, қарор дар бораи оғоз кардан ё рад намудани оғози парвандаи ҷиноятӣ, агар чунин ҳолат ҷой дошта бошад, пешниҳоди маълумотномаи БДА ҳангоми вайрон шудани танҳо даруни воситаи нақлиёт, (шишаҳои пеш ва қафо, шишаҳои дар), фурузонакҳо, фонусҳо, ҷузъҳои оинаҳои ВН, агар дигар шарт бо шартномаи суғурта пешбинӣ нашуда бошад, ҳатмӣ нестанд.Дар сурате, агар ҳодисаи суғуртавӣ дар давраи амали шартномаи суғурта (полис) ба вуҷуд омада бошаду, аммо ариза дар бораи ҳодисаи суғуртавӣ ба Суғурткунанда пеш аз ба итмом расидани шартномаи суғурта пешниҳод гардад, онгоҳ пешниҳоди маълумотномаи БДА дар ҳама ҳолат ҳатмӣ мебошад;

-ҳангоми дуздида шудани ҷузъҳою қисмҳои алоҳидаи ВН ва/ё ТИ, ки ба он васл карда шудааст, инчунин ҳангоми вайрон шудани ВН дар натиҷаи ҳаракатҳои ғайриҳуқуқии шахсони сеюм – маълумотномаи тасдиқгардидаи мақомоти ВКД бо қайди ҷузъҳою қисмҳои ВН ва/ё ТИ дуздидашуда ё вайрон гардида, шахсони гунаҳкор, агар онҳо муайян карда шудаанд, ё нусхаи тасдиққардашудаи қарор дар бораи оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ аз рӯи воқеияти мазкур (ҳангоми рад кардни оғози парвандаи ҷиноятӣ дар маълумотнома бояд моддаи Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар асоси он оғози парвандаи ҷиноятӣ рад карда шудааст, қайд карда шавад);

-ҳангоми вайрон шудани ВН суғурташуда дар натиҷаи сухтор - маълумотномаи тасдиқгардида аз раёсати зидди сухтор (мақомоти назорати давлатии зидди сухтор), нусхаи тасдиқгардидаи қарор дар бораи оғоз кардан ё рад намудани оғози парвандаи ҷиноятӣ, ки аз тарафи мақомотҳои ВКД ё хадамоти зидди сухтор дода шудааст;

-ҳангоми вайрон шудани ВН суғурташуда дар натиҷаи ҳолати фавқулодаи табиӣ (падида) – маълумотномаи тасдиқгардидаи мақомотҳои ВКД ва маълумотномаи

ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

тасдиқгардидаи мақомотҳои Хадамоти давлатии Гидрометеорологии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки банду басти ҳодисаро ҳамчун ҳолати фавқуллодаи табиӣ (падида) ё падидаи хавфноки табиӣ тасдиқ менамояд.

13.7.3.8. дар сурати анҷом додани таъмири барқароркунӣ дар НХТА, ки бо Суғуртакунанда муносибати шартномавӣ надорад:

-ҳуҷҷатҳои пардохтии аслӣ ё нусхаи ба тариқи дахлдор тасдиқгардидаи онҳо, ки хароҷоти Суғурташаванда ё Фоидагирандаро оид ба барқароркунии ВН вайронгардида ва ё таҷҳизоти иловагӣ (нархнома, расидҳо, ҳисобварақаҳо, борхат, супоришномаҳо ва амсоли онҳо);

- Шартномаи аслӣ оид ба хизматрасонӣ (пудратӣ ва ғ) ё нусхаи ба тариқи дахлдор тасдиқкардаи он, ки ба таъмири барқароркунии ВН вайронгардида ватаҷҳизоти иловагии он баста шудааст, ба истисноии таъмири ВН, ки ҳангоми он шартнома байни Суғурташаванда ва маркази хизматрасонии воситаи нақлиётӣ баста намешавад;

-ҳуҷҷате, ки супурдан ва қабули корҳои иҷрошударо (хизматрасонӣ) тасдиқ менамояд, агар ташкилоти таъмиркунӣ чунин ҳуҷҷатҳоро ба расмият даровард;

13.7.3.8. дар сурати мустақилона аз ҷониби Суғурташаванда харидорӣ намудани қисмҳои эҳтиётӣ барои гузаронидани таъмир, инчунин ҳисобварақаҳо ва ҳуҷҷатҳое, ки воқеияти пардохтро тасдиқ менамоянд, бояд пешниҳод карда шаванд. Дар борхатҳо оиди харидорӣ намудани қисмҳои эҳтиётӣ бояд қайд карда шавад: номгуи қисмҳо, рақами феҳраст, арзиши ҳар як қисм, арзиши умумӣ. Андозаи ҷуброни суғуртавиро Суғуртакунанда пас аз санҷиши маълумотҳои дар ҳуҷҷатҳои мазкур дарҷёфта барои мувофиқ будани корҳои таъмирии анҷомдода ба ҳодисаи суғртавӣ, инчунин технологияи таъмир ва арзиши қисмҳои эҳтиётӣ муқарар менамоянд. Тамоми баҳсҳое, аз он ҷумла даъво оиди сифати таъмир, ки байни Суғурташаванда ва ташкилоте, ки таъмирро анҷом додааст ба миён меоянд, аз тарафи Суғуртакунанда мустақилона ба танзим дароварда мешаванд.

13.7.3.9. дар сурати аз ҷониби Суғурташаванда гузаронидани ташхиси мустақим:

-нусхаҳои ҳуҷҷатҳои ба тариқи дахлдор тасдиқшуда, ки хуқуқи гузаронидани фаъолияти нархгузории ташхиси мустақимро тасдиқ менамоянд;

-ҳуҷҷатҳои пардохтии аслӣ ё нусхаҳои ба тариқи дахлдор тасдиққардаи онҳо, ки хароҷоти Суғурташаванда ва ташхиси мустақим оид ба тартиб додани хулосаи ташхисӣ дар бораи афзоиш ёфтани зараре, ки дар натиҷаи вайроншавии ВН ва/ё таҷҳизоти иловагӣ расонида шудааст, баста шудааст;

- ҳуҷҷате, ки ҳаҷми хизмати расонидашударо тасдиқ менамояд.

13.7.3.10. ҳуҷҷатҳои аслӣ ё нусхаҳои ба тариқи дахлдор тасдиққардаи онҳо, ки хароҷоти Суғурташаванда (Фоидагиранда) бинобар сабаби сар задани ҳодисаи суғуртавӣ, ки тибқи Қоида ва Шартномаи суғурта бояд ҷуброн карда шавад, тасдиқ менамоянд;

13.7.3.11. ҳуҷҷатҳои дигаре, ки Суғурташаванда талаб кардааст ва барои қабули қарор дар бораи ҳодисаи суғуртавӣ эътироф кардан ва ба амал баровардани пардохти ҷуброни суғуртавӣ зарур мебошанд.

13.7.4. Ба намояндаи Суғуртакунанда ВН вайроншударо то таъмири он, инчунин қисму ҷузъҳо ва таҷҳизоти иловагӣ ё қисмҳои вайроншудаи онҳоро дар намуде, ки дар натиҷаи сар задани ҳодисаи суғуртавӣ ҳангоми азназаргузаронӣ қарор доштаанд

ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

пешниҳод намуда, бо Суғурташаванда амалиётҳои минбаъдаро мувофиқа созад, ҳамзамон Суғурташаванда вазифадор аст тавзеҳоти Суғуртакунандаро оид ба камтар кардани зарар риоя намояд.

13.7.5. Бо Суғуртакунанда низоми пардохти суғуртавӣ ва гузаронидани таъмири барқароркунии ВН ва Таҷҳизоти иловагии ба он васлшударо мувофиқа намояд.

**13.8.Пардохти ҷуброни суғуртавӣ аз рӯи таваккали «Зарар» ва «Таҷҳизоти иловагӣ» амалиётҳою хусусиятҳои зеринро пешбинӣ менамояд:**

13.8.1. Муоинаи ВН суғурташудаи вайронгардида аз тарафи Суғуртакунанда (намояндаи ӯ), тартиб додани Санади муоина, нархгузории андозаи ҷуброни суғуртавӣ, ирсоли ВН суғурташуда ба таъмири барқароркунӣ, ки танҳо пас аз тарафи Суғурташаванда пешниҳод кардани маълумотнома аз мақомотҳои дахлдори салоҳиятдор ба амал бароварда мешавад, дар сурате агар он тибқи Қоида ва \ё шартҳои шартномаи суғуртаи басташуда зарур бошад. Вақт ва ҷойи муоинаро тарафҳо мувофиқа менамоянд. Агар вайронкуниҳои ба ВН суғуратшуда дар натиҷаи ҳодисаи суғуртавӣ расонидашуда ба ҳаракати бехатарии он бо гашти худ монеагӣ накунад ва сафари фаврии хизмати ташхиси бо шартҳои Шартномаи суғурта пешбинӣ нашуда бошад ё имконияти сафари фаврии хизмати ташхисии Суғуртакунанда ба мавқеи таваққуфгоҳи ВН вуҷуд надорад, Суғурташаванда вазифадор аст ВН суғурташударо ба мавқеи ҷойгиршавии хизмати ташхисии Суғуртакунанда оварда расонад ё ин ки сафари ғайрифаврӣ (дар мұддати 3 руз) ба мавқеи таваққуфгоҳи ВН суғурташуда фаромиш диҳад. Агар вайроншавиҳое, ки ба ВН суғурташуда дар натиҷаи ходисаи суғуртавӣ расонидашуда ба харакати бехатари он бо гардиши худ монеагӣ намояд, азназаргузаронӣ дар чойи таваққуфгоҳи ВН суғурташуда сурат мегирад. Дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи Суғуртакунанда, ВН вайронгардида бевосита ба НХТА расонида шуда, онро аз назар гузаронида, аз Суғурташаванда ҳуҷҷатҳое, ки бо Қоидаҳо талаб карда мешаванд, ҷамъ оварда мешаванд.

Корҳои таъмирӣ-барқароркунӣ дар НХТА, ки бо Суғуртакунанда муносибати шартномавӣ дорад, дар асоси роҳхати у ба амал бароварда мешаванд, агар бо Шартномаи суғурта дигар шартҳо пешбинӣ нашуда бошанд.

13.8.2.Дар сурати оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад пардохти ҷуброни суғуртавиро (бо огоҳонидани Суғурташаванда ба тариқи хаттӣ дар муддати 3 рузи корӣ аз лаҳзаи амали мавқуфгузорӣ) то аз ҷониби охирин пешниҳод гардидани қарори ниҳоӣ (қарор дар бораи рад кардани оғози парвандаи ҷиноятӣ, қарор дар бораи боздоштани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ, хулосаи айбдоркунӣ ё қарори суд) нисбати парвандаи ҷиноятии оғоз шуда мавқуф гузорад.

13.8.3.Бо мувофиқаи тарафҳо ё дар сурати мавҷуд набудани НХТА-и наздиктарин, ки бо Суғуртакунанда муносибати шартномавӣ дорад, ҷуброни суғуртавӣ бо роҳхати Суғуртакунанда дар асоси нархгузории арзиши корҳои таъмирӣ-барқароркунӣ, ки аз ҷониби ташхисгарони Суғураткунанда ё маркази ташхиси мустақим тартиб дода шудааст, пардохта мешавад.

13.8.4.Агар Суғурташаванда бо андозаи зарар ва \ё сабабҳои ба вуқуъ омадани он, ки аз ҷониби ташхисгарони Суғуртакунанда муайян карда шудааст, розӣ набошад, онгоҳ у ҳуқуқ дорад гузаронидани ташхиси мустақимро талаб намояд. Ташхиси мустақим аз

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

тарафи ташкилоти ташхисие, ки Суғурташаванда пешниҳод намудааст ва Суғуртакунанда маъқул донистааст, анҷом меёбад.

13.8.5.Пас аз пардохти ҷуброни суғуртавӣ аз рӯи таваккали «Зарар» дар сурати пурра несту нобуд гардидани ВН, амали шартнома қатъ гардида, ҳаққи суғуртавӣ баргардонида намешавад.

13.8.6.Пас аз пардохти ҷуброни суғуртавӣ аз рӯи таваккали «Таҷҳизоти иловагӣ» дар сурати пурра несту нобуд ё дуздида шудани таҷҳизоти иловагӣ\ воҳиди таҷҳизоти иловагӣ, амали шартнома нисбати таҷҳизоти иловагии \ объекти нестунобудгардида (дуздида шуда) қатъ мегардад. Ҳангоми суғуртакунии таҷҳизоти иловагии такроран васлшуда ба Шартномаи суғурта иловаҳо замима мегарданд, ки мухлати амали он набояд аз мухлати амали Шартномаи асосии суғуртаи ВН барзиёд бошад, ҳамзамон Суғурташаванда ба Суғуртакунанда ҳаққи ҳаққи (ҳаққи) иловагиро мепардозад.

**13.9. Ҳангоми дуздидани ВН суғурташуда Суғуртакунанда вазифадор аст:**

13.9.1. Фавран, ҳамон лаҳзае, ки ба Суғурташаванда (намояндаи ӯ, ки ба идоракунии ВН роҳ дода шудааст) дар бораи дуздида шудани ВН суғурташуда маълум гардид, бояд ба мақомоти салоҳиятдори давлатӣ хабар расонида, ба Суғуртакунанда бо тасвири муфассал тамоми ҳодисаи ба у маълумбуда пешниҳод намояд.

13.9.2. Ба ғайр аз аризаи хаттӣ дар бораи ҳодисаи суғуртавӣ барои баррасии даъво оид ба ҷуброни суғуртавӣ ба Суғуртакунанда ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод намояд:

13.9.2.1. шартномаи суғурта (Полиси суғурта) ва ҳуҷҷате, ки пардохти ҳаққи суғуртавӣ ё ҳаққи навбатии онро тасдиқ менамояд (расид, чек ва дигар ҳуҷҷати тасдиққунандаи воқеияти пардохти маблағи пулӣ тибқи Шартнома);

13.9.2.2. ваколатнома дар бораи ҳуқуқи пешбурди кор дар шикати суғурта (барои шахси ҳуқуқӣ ва намояндаи Суғурташаванда);

13.9.2.3. шартномаи бақайдгирии воситаи нақлиёт, агар чунин бақайдгириро дар мақомоти БДА ё дигар мақомоти салоҳиятдор, ки бақайдгирии воситаҳои нақлиётро ба амал мебароранд гузашта бошад (ба истисноӣ ҳолатҳои ба маводи парвандаи ҷиноятӣ замима гардидаи он ё бо роҳи дуздӣ якҷоя бо ВН ҳангоми содир гардидани ҷинояти бо зербанди г) моддаҳои 248 ва 249 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда дуздида шудаанд);

13.9.2.4. ваколатномаҳои аслӣ дар бораи ҳуқуқи идоракунӣ ва /ё ихтиёрдории ВН суғурташуда ва варақаи хатсайр;

13.9.2.5. маҷмуи пурраи калидҳои аслии ВН дуздидашуда ва пултҳои идоракунӣ, овезаҳо, кордҳо-активаторҳои актив ва пассиви тамоми дастгоҳҳои электронӣ ва электронӣ- механикии зидди дуздида бурдан, ки ба ВН суғурташуда васл карда шудаанд ба истисноӣ ҳолатҳои ба маводи парвандаи ҷинояти замима гардидаи он ё бо роҳи якҷоя бо ВН ҳангоми содир гардидани ҷинояти бо зербанди г) моддаҳои 248 ва 249 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда дуздида шудаанд. Ҳангоми васл кардани дастгоҳи ҷустуҷуии зидди дуздида бурдан Суғурташаванда вазифдор аст бо талаби Суғуртакунанда ҳуҷҷате, ки пардохти хизмати мониторинги таъминкунандаи хизмати мазкурро (пардохти муштарӣ) тасдиқ мекунад, пешниҳод намояд.

13.9.2.6. маълумотномаи мақомотҳои ВКД бо қайди сана ва вақти мурочиати Суғурташаванда дар хусуси дуздида шудани ВН суғурташуда;

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

13.9.2.7. қарори тасдиқнамуда дар бораи оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ аз рӯи воқеияти дуздии ВН суғурташуда ё маълумотнома бо қайди рақами парвандаи ҷиноятӣ, санаи оғоз шудани он ва моддаи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

13.9.2.8. қарори тасдиқнамуда дар бораи боздошти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ аз рӯи далели дуздии ВН суғурташуда ё маълумотнома бо қайди рақами парвандаи ҷиноятӣ, сана ва асосҳои боздоштани он;

13.9.2.9. мактуб (созишномаи иловагӣ бо Суғуртакунанда) бо уҳдадориҳои Суғурташаванда (ва агар Суғурташаванда молики (соҳиби) ВН суғурташуда набошад онгоҳ аз молики ВН суғурташуда низ, дар сурати ёфтани ВН суғурташуда дар муддати 2 ҳафта аз лаҳзаи ёфт шуданаш ба Суғуртакунанда ҷуброни суғуртавии пардохтшуда ба андозаи арзиши бозории он баргардонида мешаванд ё ба Суғуртакунанда (намояндаи у) ВН ёфтшуда, ки қаблан кормандони милитсия онро қабул карда, аз қайди мақомоти БДА баровардаанд, бо тамоми ҳуҷҷатҳое, ки барои фуруши он ба воситаи мағозаи комиссионӣ зарур мебошад, инчунин бо супоришнома дар бораи интиқоли маблағи пулии аз фуруши ВН ба даст овардашуда ба Суғуртакунанда супурда мешавад;

13.9.2.10. нишонаҳои бонки Фоидагиранда-шахси воқеӣ барои интиқол додани маблағи пулӣ; барои шахсони ҳуқуқӣ-мактуб дар бораи пардохти ҷуброни суғуртавӣ бо қайди нишонаҳои бонк, ки аз тарафи роҳбар ё шахсе, ки расман ҳуқуқи имзо кардани ҳуҷҷатҳои молиявиро дорад бо муҳри ташкилот, тасдиқ карда шудааст.

13.9.3. Пас аз анҷом ёфтани пардохти ҷуброни суғуртавӣ бинобар дуздида шудани ВН амали Шартнома қатъ гардида, ҳаққи суғуртавӣ баргардонида намешавад.

**13.10. Дар сурати аз тарафи ронандаи воситаи нақлиёти суғурташуда расонидани зарар ба ҳаёт, саломатӣ ва ё амволи шахсони сеюм дар натиҷаи истифодабарии воситаи нақлиёти суғурташуда (таваккали "Масъулияти граждании ҳангоми истифодабарии ВН") Суғурташаванда ва ё ронандае, ки ба идоракунии ВН роҳ додааст, вазифадор аст:**

13.10.1. Ба тариқи хаттӣ Суғуртакунандаро дар бораи ҳодисаи суғуртавӣ бо тасвири муфассали тамоми ҳолатҳои ба у маълумгардида дар мудати 3 (се) рӯзи корӣ(агар муҳлати дигар дар Шартномаи суғурта пешбинӣ нашуда бошад), аз лаҳзае, ки Суғурташаванда , намяндаи ӯ, шахсе ки ба идоракунии ВН роҳ дода шудааст дар бораи ҳодисаи суғуртавӣ огоҳ шудааст, хабар расонад.

13.10.2. Уҳдадориҳое, ки бо Қоидаи ҳаракат дар роҳ дар сурати ба вуҷуд омадани ҲРН пешбинӣ шудааст, иҷро намояд, тадбирҳоро оиди ба кам кардани зиёни аз ҳодисаи мазкур расонидашударо андешида барояд;

13.10.3. Ному насаб, суроға, рақами телефон ва ВН иштирокчиен ва шоҳидони ҲРН –ро навишта гирад;

13.10.4. Ба иштирокчиёни ҲРН, ки даъво дар бораи ҷуброни зарари расонидашуда пешниҳод намудаанд, рақами полиси худ ва нишонаҳои Суғуртакунандаро хабар диҳад.

13.10.5. Фавран ба Суғуртакунанда дар бораи оғози амалҳои мақомотҳои салоҳиятдор вобаста ба воқеияти зиёну зарари расонидашуда, ё аз тарафи шахсони сеюм пешниҳод гардидани даъвоҳои расмӣ, аз он ҷмла ба муоинаи амволи вайронгардида даъват карданро хабар расонад.

13.10.6. Ба ғайр аз аризаи хаттӣ дар бораи ҳодисаи суғуртавӣ, ҳангоми баррасии даъвоҳо дар бораи ҷуброни суғуртавӣ аз рӯи таваккали "Масъулияти граждании ҳангоми

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

истифодабарии ВН” Суғурташаванда ё Шахси ҷабрдида бояд ба Суғуртакунанда ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод намояд:

13.10.6.1. маълумотномаҳои БДА дар бораи ҲРН (шакли муқарраршуда);

13.10.6.2. нусхаҳои қарор дар бораи оғоз ё рад кардани оғози парвандаи ҷиноятӣ, ки аз тарафи мақомоти тафтишоти пешакӣ тасдиқ карда шудааст, агар чунин ҳолат ҷой дошта бошад;

13.10.6.3. нусхаҳои қарорҳои мақомоти судӣ, ки эътибори қонунӣ пайдо намудааст (ҳангоми баррасии парванда дар суд);

13.10.6.4. ҳуҷҷатҳое, ки шахсияти ҷабрдида, ҳуқуқи соҳибии амволи вайрон ё несту нобудшуда, қонунӣ будани ҳуқуқҳо оид ба гирифтани ҷуброн (ҳуҷҷатҳо дар бораи ҳуқуқи шурӯъ кардан ба қабули мерос ва ҳуҷҷатҳои дигар) тасдиқ менамоянд. Намояндаи ҷабрдида бояд ваколатномаи ба тариқи дахлдор ба расмият даровардашуда дар бораи ҳуқуқи намояндагӣ кардани манфиатҳои ӯ дар назди Суғуртакунандаро дошта бошад;

13.10.6.5. ҳангоми расонидани зарари молумулкӣ:

-ҳуҷҷати расмии аслӣ (нусхаи тасдиқгардида), ки аз тарафи ташкилоти дорои иҷозатнома (литсензия) оид ба амал баровардани фаъолияти нархгузорӣ дода шудааст, бо қайди андозаи зарар, ки ба амволи ҷабрдида расонида шудааст бо маблағи пулӣ, бо замимаи нусхаи иҷозатнома (литсензия);

-ҳуҷҷате, ки даъват кардани Суғурташаванда барои азназаргузаронии ВН бо мақсади тартиб додани санади азназаргузаронӣ ва хулосаи ташхисгар дар бораи арзиши таъмири барқароркунии амволи вайронгардида тасдиқ менамояд.

13.10.6.6. ҳангоми расонидани зарар ба ҳаёт ва саломатӣ:

-хулосаи муассисаи дахлдори тиббӣ бо қайди хусусиятҳои ҷароҳату маъюбии бардоштаи ҷабрдида, муоина, давраи ғайри қобили меҳнатӣ;

-расидҳои пардохтшуда барои табобат;

-хулосаи ташхиси (экспертизаи) тиббӣ- иҷтимоӣ (дар ҳолати муайян намудани маъюбӣ);

-хулосаи муассисаи дахлдори тиббӣ, ки марги ҷабрдидаро бо қайди сабабҳои марг (дар сурати вафот кардан) тасдиқ менамоянд;

-нусхаи тасдиқкардаи шаҳодатномаи вафот (дар сурати вафот кардан).

13.10.6.7. дигар ҳуҷҷатҳои зарурӣ аз ташкилотҳои дахлдори салоҳиятдор, ки андозаи зарари расонидашуда ва қонунӣ будани талабҳои даъвогии пешниҳодшударо тасдиқ менамояд.

13.10.6.8. маълумотномаи тасдиқгардидаи ташкилоти суғуртавӣ, ки дар он Суғурташаванда тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи ҳатмии ҷавбгарии гражданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт”, масъулияти соҳибони воситаи нақлиёти суғурта карда шудааст, дар бораи андозаи пардохтҳои ба ҷабрдида/ҷабрдидагон анҷом додашуда.

13.11. **Ҳангоми фаворасии ҳодисае, ки аломати ҳодисаи суғуртавӣ аз рӯи таваккали “Ҳодисаи нохуш” дорад, Суғурташаванда, шахси суғурташуда ё меросхурони у ухдадоранд:**

13.11.1. Фавран ба муассисаи тиббӣ муроҷиат намуда, бо аризаи хаттӣ шакли озод ё барқия Суғуртакунандаро дар бораи ҳодисаи суғуртавӣ огоҳ созад;

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
РАЁСАТИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

13.11.2. Бо талаби Суғуртакунанда муоинаи тиббиро дар назди табиб ё дар муассисаи тиббие, ки Суғуртакунанда таъин кардааст, гузарад;

13.11.3. Дар сурати вафоти Шахси суғурташуда дар ин бора ба Суғуртакунанда дар муддати 30 рӯз хабар расонад;

13.11.4. ба Суғуртакунанда ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод намояд:

13.11.4.1. маълумотномаи тасдиккардаи БДА дар шакли муқаррваргардида;

13.11.4.2. нусхаи суратҷаласаи тасдиқгрдидаи БДА бо қайди Шахси ҷабрдидаи суғурташуда;

13.11.4.3. нусхаи қарори тасдиқгардида дар бораи оғоз гардидани парвандаи ҷиноятӣ, агар чунин парванда оғоз гардида бошад;

13.11.4.4. хулосаи тасдиқгардидаи муассисаи тиббӣ бо қайди сана ва хусусияти ҷароҳату маъюбии бардоштаи ҷабрдида;

13.11.4.5. хулосаи тасдиқгардидаи ташхиси (экспертизаи) тиббӣ-иҷтимоӣ (дар сурати муқаррар кардани маъюбӣ);

13.11.4.6. нусхаи тасдиқгардидаи шаҳодатномаи вафот (дар сурати вафоти Шахси суғурташуда);

13.11.4.7. ҳуҷҷатҳое, ки шахсияти Шахси суғурташударо тасдиқ менамояд ва дигар ҳуҷҷатҳои зарурӣ;

13.11.4.8. ҳуҷҷатҳои аслии муассисаи тиббӣ бо қайди ташхиси беморие, ки Шахси суғурташуда гирифтор шудааст ё нусхаҳои ба тариқи дахлдор тасдиқнамудаи ҳуҷҷатҳои зикргардида (дар сурати гум кардани қобилияти меҳнатӣ).

13.11.5. Дар сурати вафоти Шахси суӯрташуда меросхурон ҳуҷҷатҳое, ки ҳуқуқ ба мерос ва шахсияти онҳоро тасдиқ мекунад, пешниҳод менамоянд.

13.12. Дар сурате, агар ҳуҷҷатҳои аслии ВН, инчунин калидҳою ҳуҷҷатҳое, ки дар Қоида қайд шудаанд аз тарафи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ барои замима кардан ба маводи парвандаи ҷиноятӣ талаб карда гирифта шудаанд, ба Суғурташаванда зарур мегардад, ки нусхаҳои ҳуҷҷатҳои бақайдгирие, ки бо муҳру имзои кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки пешбурди парвандаи ҷиноятиро анҷом медиҳанд, тасдиқ гардида, инчунин маълумотномае, ки воқеияти талаб карда гирифтан ва ба маводи парвандаи ҷиноятӣ замима кардани ҳуҷҷатҳои мазкур ва предметҳои бо қайди шумораҳо тасдиқ менамоянд, ба Суғуртакунанда пешниҳод намояд.

## 14.ҲОЛАТҲОИ РАД КАРДАНИ ПАРДОХТИ СУҒУРТАВӢ (ҶУБРОНИ СУҒУРТАВӢ)

14.1. Агар бо Шартномаи суғурта муқаррароти дигар пешбинӣ нашуда бошад, ҳолатҳои зерин ҳамчун ҳодисаи суғуртавӣ эътироф карда намешаванд:

14.1.1. Дуздӣ, нуқсондорӣ ё несту нобуд кардани амволе, ки дар ВН қарор дорад (дар ҳолатҳое, ки амволи мазкур ҳамчн таҷҳизоти иловагӣ суғурта карда нашудааст);

14.1.2. Дуздии ВН ва ТИ суғурташуда дар сурати танҳо аз руи таваккали "Зарар" суғурта шудани ВН;

14.1.3. Гум кардани арзиши молӣ, фарсудашавии табиии ВН ва таҷҳизоти иловагӣ дар натиҷаи истифодабарии он;

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

14.1.4. Нуқсонҳое, ки дар натиҷаи истифодабарии воситаи нақлиёт ба вуҷуд омадаанд. Ба нуқсонҳои истифодабарӣ (омилҳои кам шудани боқимондаи воситаи нақлиёт) дохил мешаванд:

-изҳои ва оқибати занг задани кузов, (дохили ВН);

-кафидан, канда шудан, ёзидани қисмҳои оҳанин набуда (резинӣ, пластикӣ ва ғ), ки дар натиҷаи ғайри ҲРН ба вуҷуд омадаанд;

-изҳои таъсири таъмири пешакӣ (ҳамворкунӣ, кафшеркунӣ, ва ғ);

- дигаргуншавии шакл (ҷойи фурурафта, охурча, каҷиҳо) ва дигар вайроншавии механикӣ, ки бо вайрон кардани қоидаҳои истифодабарии воситаи нақлиёт ба вуҷуд омадааст ва натиҷаи ҲРН намебошад;

-нуқсондоршавии ночизи сатҳи болои лок кардашудаи (шикастаҳои нуқтавӣ, хурда шудан, харошаҳо) қисматҳои кузов, дар ҳолати ҷой надоштани вайроншавии худи қисм, ки ба ҳодисаи суғуртавӣ мансуб намебошад;

-суст гардидани пайвандиҳо, агрегатҳо, бастаҳо, ҷузъҳои овезони воситаи нақлиёт;

-ғайригерметикӣ будани сохторҳои гуногуни воситаи нақлиёт;

Нуқсонҳои истифодабарӣ метавонанд натиҷаи на танҳо ба тариқи дахлдор нигоҳубин накардани (истифода бурдан) воситаи наклиёт, балки қисман натиҷаи кӯҳна шудани (фарсудашавии) табиии маводи дар сохтори он истифодабурдашаванда, инчунин нуқсонҳои пурра аз сифати хизматрасонӣ (таъмири он) вобастабуда мебошад.

14.1.5. Шикастҳои нуқтагӣ, хурда шудан ва харошаҳое, ки дар натиҷаи истифодабарии шустушуи механикӣ бардошта шудаанд.

14.1.6. Нуқсондоршавӣ, талафёбӣ, дуздида шудани магнитолаи воситаи наклиёти суғурташуда аз панели тарафи пеши бардошташаванда ё тарафи пеши панел, ки дар ВН суғурташуда ҳангоми ғоиб будани ронанда монда шудааст.

14.1.7. Дуздидан, нуқсондоршавӣ, несту нобуд шудани нишонаҳои бақайдгирии ВН.

14.1.8. Шикаст, кор накардан, аз кор баромадани қисмҳо, васлҳо ва агрегатҳои ВН дар натиҷаи истифодабарии он, аз он ҷумла бинобар ба даруни васлҳо ва агрегатҳо афтидани ҷисмҳои бегона, ҳайвонот, мавод, обҳои борон ва оби барф (зарбаи обӣ ва ғ.).

14.1.9. Нуқсондоршавӣ, талафёбӣ ё дуздида шудани тент (ҳангоми суғуртакунии воситаи наклиётҳои боркаш, навъҳои боркаши воситаи наклиётҳои сабукрав, ядак ва нимядакҳо), агар дигар шарт дар Шартномаи суғурта пешбинӣ нашуда бошад.

14.1.10. Зараре, ки дар натиҷаи барнагардонидани ВН суғурташуда ба Суғурташаванда ба вуҷуд омадааст (ҳангоми суғуртаи ВН, ки ба кироя, иҷора, лизинг дода шудааст).

14.1.11. Дуздидан, нуқсондоршавӣ, несту нобуд кардани ВН, ки Суғурташаванда бо камбудиҳои зерин харидорӣ намудааст:

14.1.11.1. бо вайрон кардани қонунузории Ҷумҳурии Тоҷикистон иваз кардани рақамҳои мушаххаси корхона;

14.1.11.2. барасмиятдарории гумрукиро нагузаштааст ё онро бо вайрон кардани тартиби муқарраршуда ё дар асоси ҳуҷҷатҳои сохтакоришуда гузаштааст;

14.1.11.3. аз тарафи БДА дар асоси ҳуҷҷатҳои сохтакоришуа ба қайд гирифта шудааст.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

14.1. 12. Дуздида шудани ВН суғурташуда якҷоя бо ҳуҷҷатҳои бақайдгирии дар он мавҷудбуда (шаҳодатномаи бақайдгирии ВН ва /ё калидҳои он, ба истисноӣ ҳолатҳои ҳуҷуми роҳзанона ва/ё ғоратгарӣ);

14.1.13. Дуздида шудани воситаи ВН паз аз гум кардани ҳуҷҷатҳои бақайдгирӣ, агар дар лаҳзаи ҳодисаи руҳдода ҳуҷҷатҳои мазкур барқарор нашуда бошад, ба ғайр аз ҳолате, ки Суғурташаванда саривақт (на дертар аз 2 шабонаруз пас аз гумшавӣ) ариза дар бораи барқарор кардани ҳуҷҷатҳои бақайдгирӣ ба мақомотҳои дахлдори салоҳиятдор пешниҳод карда бошад.

14.1.14. Дуздида шудани ВН суғурташуда ва пас аз он дуздида шудани ҳуҷҷатҳои бақайдгирӣ.

14.1.15. Дуздида шудани таҷҳизоти иловагӣ ё қисмҳои ВН, агар онҳо дар лаҳзаи сар задани ҳодисаи суғуртавӣ аз ВН суғурташуда алоҳида қарор доштаанд.

14.1.16. Дуздида шудани чархи эҳтиётии ВН, агар тасарруфи он бе расонидани зарар ба худи ВН суғурташуда анҷом ёфтааст, агар дигар ҳолат бо шартномаи суғурта пешбинӣ нашуда бошад. Истисноӣ мазкур нисбати чархҳои эҳтиётие, ки аз рӯи таваккали "Таҷҳизоти иловагӣ" суғурта шудааст, паҳн намегардад.

14.1.17. Зараре, ки бо нуқсондоршавӣ ё несту нобуд шудани чархҳои воситаи наклиёт (резинаҳо, дискҳои чарх, сарпӯшакҳои чарх) ва бо зарари бо дигар қисми ВН расонидашуда алоқаманд намебошанд, ба истисноӣ вайрон шудани чархҳо дар натиҷаи ҳаракатҳои барқасдонаи шахсони сеюм. Дар ҳама гуна ҳолат зараре, ки бо вайрон шудани резинаҳо алоқаманд мебошад, агар истифодабарии ВН тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар дар ҳолати ғайриқаноатбахш қарор доштани резинаҳо манъ карда шудааст, ҷуброн карда намешавад.

14.1.18. Нуқсондоршавӣ, несту нобуд ё дуздидани ВН суғурташуда ва /ё ТИ, зараре, ки ба ҳаёт ва саломатии Шахсони суғурташуда, зарар ба ҳаёт, саломатӣ ва/ё молу мулки шахсони сеюм расонидашуда дар натиҷаи:

14.1.18.1. ҳаракатҳои барқасдона ё қаллобии Суғурташуда, Фоидагиранда, шахсе, ки ба идоракунии ВН суғурташуда аз рӯи Шартнома роҳ дода шудааст, мусофирони ВН суғурташуда, инчунн кормандони Суғурташаванда (агар Суғурташаванда шахси воқеъӣ бошад), ки ба вуҷуд омадани ҳодисаи суғуртавӣ равона шудааст ё ҳангоми аз тарафи шахсони дар боло зикршуда содир намудан ё кушиши содир кардани ҷиноят;

14.1.18.2. идора кардани ВН аз тарафи шахсе,ки:

-ба идоракунии ВН тибқи шартномаи суғурта роҳ дода нашудаанд;

-дар синни 70 солагӣ, аз синни 21 сол камтар ва ё бо собиқаи кории идоракунӣ камтар аз 1 сол, агар бо созиши иловагӣ ба Шартномаи суғурта (Полиси суғурта) дигар шарт пешбинӣ нашуда бошад;

-надоштани ҳуҷҷатҳои бо Қоидаҳои ҳаракат дар роҳ (минбаъд "ҚҲР" номида мешаванд) пешбинишуда –варақаи (талони) азназаргузаронии техникӣ, шаҳодатномаи ронандагии дараҷаи зарура, ба ғайр аз ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-надоштани ваколатнома оид ба ҳуқуқи идоракунии воситаи нақлиёти суғурташуда ё дар варақаи хатсайр қайдшуда;

-дар ҳолати ҳама гуна шакли мастӣ, мадҳушии нашъамандӣ ё токсикологӣ ё зарари таъсири доруворие, ки истифодабарии он ҳангоми идоракунии ВН манъ

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

шудааст, қарор доштан, инчунин агар ронандаи ВН суғурташуда аз ҷойи ҲРН ғайб задааст ё гузаштани ташхиси тиббиро рад намудааст;

14.1.18.3. кашидани тамоку ё муносибати беэҳтиётона ба оташ дар ВН суғурташуда;

14.1.18.4. истифодаи ВН берун аз ҳудуд ё давраи амале, ки бо шартномаи суғурта муайян карда шудааст;

14.1.18.5. истифодаи ВН суғурташуда дар масобиқаҳо, озмунҳо ё барои таълими идоракуни ВН, инчунин бо мақсадҳои бархилофи таъиноти техникӣ буда бн созиши хатти бо Суғуртакунанда;

14.1.18.6. додни ВН суғурташуда ба лизинг, иҷора, кироя ё гарав бе созиши хаттӣ бо Суғуртакунанда;

14.1.18.7. аз тарафи Суғурташаванда ё шахсе, ки ба идоракунии воситаи нақлиёти суғурташуда аз рӯи шартномаи суғурта (полис) роҳ дода шудааст вайрон кардани қоидаҳои истифодабарии ВН, амнияти зидди сӯхтор, кашонидан ва нигоҳ доштани маводу предметҳои оташангез ё тарканда, талаботи техникаи бехатарӣ ҳангоми боркашонӣ (тибқи ҚҲР);

14.1.18.8. бор кардан, фаровардан ё интиқол додани ВН суғурташуда бо ҳама гуна намуди нақлиёт (бо истисноии кашонда бурдани ВН ва интиқоли он самти Суғуртакунанда);

14.1.18.9. таъсири таркиши ядрои, радиатсия ё заҳролудшавии радиактивӣ;

14.1.18.10. амалиётҳои низомӣ, манёврҳо ё дигар чорабиниҳои низомӣ, ҷанги шаҳрвандӣ, ҳама гуна ҷунбишҳои халқӣ ё корпартоӣ;

14.1.18.11. амалиётҳои террористӣ;

14.1.18.12. мусодира, ёфта гирифтан, ҳабс ё несту нобуд кардани ВН суғурташуда дар асоси супориши мақомотҳои давлатӣ;

14.1.19. Дуздидани ВН дар ҳолате, агар Суғурташаванда ба Суғуртакунанда маҷмуи пурраи калидҳои аслӣ ва ҳуҷҷатҳои бақайдгирии ВН Суғурташударо пешниҳод накардааст, ба истисноии ҳолатҳое, ки:

14.1.19.1. Суғурташаванда қаблан то фаро расии ҳодисаи суғуртавӣ ба тариқи хаттӣ Суғуртакунандаро дар бораи гум кардани калидҳои ВН ё шаҳодатномаи бақайдгирӣ ё ҳуҷҷати онро ивазкунанда огоҳ накардааст;

14.1.19.2. шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва/ё калиди ВН суғурташуда якҷоя бо ВН дар натиҷаи содир гардидани ғоратгарӣ ё роҳзанӣ дуздида шудаанд;

14.1.19.3. онҳо ба маводи парванда ҷиноӣ замима гардидаанд, ки ин бо ҳуҷҷатҳои мақомоти ВКД тсдиқ карда шудааст.

14.1.20. Ҳангоми мавҷуд будани нуқсонҳои сершумор, инчунин несту нобуд ё дуздида шудани ВН ва /ё ТИ суғурташуда, агар аз тарафи мақомотҳои салоҳиятдор ҳолатҳое, ки Суғуртакунанда имконият диҳад, ки ҳодисаи содиршударо ҳодисаи суғуртавӣ эътироф намояд, муқаррар карда нашудааст.

**14.2. Аз рӯи таваккали «Масъулияти граждании ҳангоми истифодабарии воситаи нақлиёт» ҷуброн карда намешавад, агар:**

14.2.1. зараре, ки бинобар нуқсондоршавӣ ё несту нобуд шудани предметҳои қадим ё дигар предметҳои нотакрор, маснуот аз металл - фурузот ва сангҳои қимматбаҳо ва нимқиммат, пули накдӣ, қоғазҳои қимматнок, предметҳои дорои

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

хусусияти динӣ, инчунин асарҳои илмӣ, адабиёт ва санъат, дигар объектҳои моликияти зеҳнӣ ба вуҷуд омадааст;

14.2.2. зараре, ки ба воситаи нақлиёти аз соҳибии Суғурташаванда ё шахсоне, ба идоракунии воситаи нақлиёт роҳ дода шудаанд дар натиҷаи ҳаракатҳои ғайриқонуниашон ба амал омадааст;

14.2.3. зараре, ки ба ронанда, мусофир (мусофирон), амволи дар ВН қарордошта ва дар Шартномаи суғурта қайдгардида расонида шудааст;

14.2.4. гум шудани арзиши молии ВН ҷабрдида;

14.2.5. зараре, ки ба ВН, ба ядаки дар Шартномаи суғурта нишондодашуда, ки дар он бор кашонида мешавад, таҷҳизоти дар он васлшуда расонида шудааст;

14.2.6. зараре, ки ба корманд ҳангоми иҷрои вазифаҳояш тибқи шартномаи меҳнатӣ ё ҳуқуқӣ гражданӣ, ки бо Суғурташавандаи ВН баста шудааст ва дар Шартномаи суғурта қайд гардидааст ва ё ба амволи ба шахси мазкур тааллуқдошта расонида шудааст;

14.2.7. зараре, ки дар натиҷаи қувваи бебозгашт ё ҳаракатҳои барқасдона ё беэҳтиётонаи дағалонаи шахсони сеюми ҷабрдида ба вуҷуд омадааст;

14.2.8. зараре, ки ба воситаи нақлиёти аз соҳибии Суғурташаванда ё шахсоне, ба идоракунии воситаи нақлиёт роҳ дода шудаанд дар натиҷаи ҳаракатҳои ғайриҳуқуқии шахсони дигар баромадааст, расонида шудааст;

14.2.9. зараре, ки ба ҳаёт ва саломатӣ ва/ё амволи аъзоёни оилаи Суғурташаванда, инчунин ба дигар шахсоне, ки дар Шартномаи суғурта номбар карда шудаанд, шаҳрвандони дигаре, ки бо Суғурташаванда хоҷагии умумиро пеш мебаранд, расонида шудааст, агар Суғурташаванда шахси воқеъӣ бошад;

14.2.10. зараре, ки ба муҳити зист расонида шудааст;

14.2.11. зараре, ки ба Суғурташаванда аз ҷониби шахсоне, ки дар Шартномаи суғурта номбар карда шудаанд, расонида шудааст.

**14.3. Аз рӯи таваккали “Ҳодисаи нохуш” гум кардани қобилияти меҳнатии доимӣ (маъюбӣ) ва/ё фавти Шахси суғурташуда ҷуброн карда намешаванд, дар натиҷаи:**

14.3.1. ҳаракатҳои ғайриҳуқуқии шахсони сеюм, аз он ҷумла ҳангоми ғоратгарӣ, роҳзанӣ (кушиши ғоратгарӣ, роҳзанӣ);

14.3.2. беморӣи рӯҳӣ ё дигар вайроншавии вазнини асаб, сактаи майна, саръ ё сактаи дили шахсе, ки ВН дар лаҳзаи фарорасии ҳодисаи суғуртавӣ идора мекард. Масъулияти Суғурткунанда дар сурате нигоҳ дошта мешавад, агар муқаррар гардад, ки шахси идоракунандаи ВН то сар задани ҳодисаи мазкур гирифтори чунин беморӣ набуд.

**14.4. Тибқи Қоида ҷуброн карда намешаванд:**

14.4.1.зарари маънавӣ, гум кардани даромад дар натиҷаи истодагӣ, ҷаримабандӣ, гум кардани тиҷорат ва дигар хароҷотҳои бевоситаи шахсони сеюм (барои истиқомат кардан дар меҳмонхона дар рафти таъмири ВН суғурташуда, хароҷоти сафари хизматӣ, фоидаи аз даст рафта, ди гар зиён, аз он ҷумла бо гузаштани мӯҳлати кафолатӣ ва ғ. (алоқаманд);

14.4.2.зараре, ки (зиёни аслӣ ва фоидаи аз даст дода), ки дар натиҷаи фарорасии ҳодисаҳои дар банди 6.1. Қоидаи номбаршуда ба вуқуъ омадааст;

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

14.4.3. зараре, ки дар натиҷаи ҳаракати беихтиёронаи ВН суғурташуда (маҳдудияти мазкур нисбати таваккали "Масъулияти граждании ҳангоми истифода бурдани воситаи нақлиёт" ва "Ҳодисаи нохуш" паҳн намегардад) ба вуҷуд омадааст;

14.4.4. зараре, ки дар натиҷаи нуқсондоршавии ВН бинобар дар он ҷой кардани предметҳои интиқолшаванда (бор ё амволи дигар, агар чунин интиқол натиҷаи ҳодисаи суғуртавӣ нагардида бошад) ба вуҷуд омадааст;

14.4.5. таъмир оид ба барқароркунӣ ё ивазкунии агрегату қисмҳои ВН, ки вайроншавии онҳо бо ҳодисаи суғуртавӣ алоқаманд нестанд, инчунин арзиши корҳое, ки анҷом додани онҳо бо зарурати технологии пешбининамудаи корхонаи истеҳсолкунанда ба миён наомадааст;

14.4.6. хароҷот барои корҳое, ки технологияи корхонаи истеҳсолкунанда пешбинӣ нашудааст;

14.4.7. ҳангоми пурра несту нобуд шудани ВН суғурташуда арзиши бартараф кардани вайроншавӣ ё нуқсонҳое, ки ба Суғуртакунанда то фарорасии ҳодисаи суғуртавӣ арз нашудааст;

14.4.8. ҳангоми дуздидан ё пурра талафот ёфтани ВН суғурташуда-арзиши бартараф кардани вайроншавӣ ё нуқсонҳое, ки Суғуртакунанда ба Суғурташаванда онро бо маблағи пулӣ пардохтааст, аммо ВН таъмиршуда ба Суғуртакунанда барои муоина пешниҳод нагардидааст.

## 15.ФРАНШИЗА

15.1. Тарафҳо метавонанд дар Шартномаи суғурта (Полиси суғурта) андозаи зарари аз ҷониби Суғуртакунанда ҷуброннашаванда - франшизаро кайд намоянд.

15.2. Интихоби франшиза аз тарафи Суғурташаванда ва андозаи он дар Шартномаи суғурта (Полис) дарҷ мeёбад. Агар дар Шартномаи суғурта шарти дигар пешбинӣ нашуда бошад, онгоҳ франшизаи дар Шартнома (Полис) зикргардида бо шартҳои франзишаи бевосита муқаррар карда мешавад.

15.3. Бо шартҳои суғурта шартҳои иловагии татбиқи франшиза низ пешбинӣ карда мешаванд.

15.4. Андозаи франшиза дар асоси созиши тарафайн ҳангоми бастани Шартномаи суғурта дар шакли фоизи мутаносибан ба маблағи суғуртавӣ ё андозаи устувор муқаррар карда мешавад.

15.5. Татбиқи франшиза омилест, ки ба кам гардидани тарофаи суғурта аз ҳисоби коэффисиентҳои тасҳеҳӣ таъсир мерасонад, ба истиснои ҳолатҳое, ки татбиқи франшиза шарти ҳатмӣ ба суғурта қабул гардидани таваккал мебошад.

## 16. ОҚИБАТИ ТАҒЙИРЁБИИ ДАРАҶАИ ТАВАККАЛ

16.1. Дар давраи амали Шартномаи суғурта Суғурташаванда (Фоидагиранда) вазифадор аст Суғуртакунандаро ба тариқи хаттӣ дар бораи ҳама гуна тағйиротҳои муҳим вобаста ба ҳолатҳое, ки ба Суғуртакунанда ҳангоми бастани Шартномаи суғурта огоҳонида буд, хабар расонад, агар ин тағйиротҳо тавонанд ба афзоиш ёфтани таваккали суғуртавӣ таъсири муҳим расонад. Суғурташаванда ё Фоидагиранда вазифадор аст

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

барои ҳама гуна тағйиротҳои муҳим ба тариқи хаттӣ дар мӯҳлати на дертар аз (се) рӯз аз рӯзе, ки дар бораи онҳо маълум гардидааст бо замимаи ҳуҷҷатҳо тасдиқкунандаи чунин тағйирот ба Суғуртакунанда хабар раснад.

16.2. Тағйиротҳое, ки дар Шартномаи суғурта (Полиси суғурта, ариза дар бораи суғуртакунӣ ва Қоидаи суғурта) пешакӣ қайд шудаанд, муҳим дониста мешаванд, аз он ҷумла:

- супурдани ВН суғурташуда ва/ё дигар шартномаи ҳуқуқӣ-гражданӣ;
- гузаштани ҳуқуқи моликӣ нисбати ВН ба шахси дигар;
- вайроншавии калон ё несту нобуд шудани объекти суғурташуда, ки бо ҳодисаи суғуртавӣ ба вуҷуд овара нашудааст;
- тағйир додани мақсади истифодабарии он, ки дар ариза қайд шудааст;
- аз қайди мақомоти БДА баровардани ВН, аз нав ба мониданди он дар мақомоти БДА;
- гум, дуздӣ ё иваз кардани ҳуҷҷатҳои бақайдгирии ВН;
- иваз кардани кузов ё муҳаррики ВН;
- гум, дуздӣ ё иваз кардани калидҳои ВН суғурташуда;
- тағйир додани руйхати шахсоне, ки ба идоракунии ВН роҳ дода шудаанд ва дар Шартномаи суғурта (Полиси суғурта) бевосита дарҷ ёфтаанд;
- таҷҳизонидани ВН бо дастгоҳи дистансионӣ ё автоматикӣ ба кор даровардани муҳаррик;
- тағйир ёфтани шартҳои нигоҳдории воситаи нақлиёт;
- дигар тағйиротҳое, ки ба таваккали суғуртавӣ таъсир мерасонанд.

16.3. Суғуртакунанда, ки дар бораи ҳолатҳое, ки ба афзоиш ёфтани таваккали суғуртавӣ оварда мерасонад огоҳ карда шудааст, ҳуқуқ дорад тағйир додани шартҳои Шартномаи суғурта ё пардохти ҳаққи иловагии суғуртаро мутаносибан ба баланд шудани таваккали суғуртавӣ талаб намояд.

16.4. Агар Суғурташаванда муқобили тағйир додани шартҳои Шартномаи суғурта ё пардохти иловагии ҳаққи суғуртавӣ бошад, Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад қатъ кардани Шартномаи суғуртаро талаб намояд.

16.5. Суғуртакунанда ҳуқуқ надорад қатъ кардани Шартномаи суғуртаро талаб намояд, агар ҳолатҳое, ки ба баланд гардидани дараҷаи таваккал оварда мерасонад, барҳам хурда бошанд.

16.6. **Дар сурати мавҷуд набудани огоҳнома ё саривақт огоҳнакардани Суғуртакунанда дар бораи ҳолатҳое, ки дар банди 16.2. Қоидаҳо оварда шудааст, Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад аз пардохти ҷуброни суғуртавӣ даст кашад.**

16.7. Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад аз пардохти ҷуброни суғуртавӣ пурра ё қисман даст кашад, агар Суғурташаванда, Фоидагиранда ё шахсе, ки ба идоракунии ВН роҳ дода шудааст:

16.7.1. Уҳдадориҳое, ки бо Қоида ва/ё Шартномаи суғурта (Полис) пешбинӣ шудааст, иҷро накардааст;

16.7.2. Пас аз сар задани ҳодисаи суғуртавӣ чораҳои оқилонаю дастрас барои наҷот ё нигоҳ доштани ВН суғурташуда наандешидааст;

16.7.3. Ба Суғуртакунанда ҳуҷҷате, ки бо Қоидаҳо пешбинӣ шудаанд ва барои қабули қарор дар бораи пардохти суғурта зарур мебошанд пешниҳод накардааст ё ин

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

ки ҳуҷҷатҳоеро пешниҳод намудааст, ки бо вайрон кардани талаботи дар Қоидаҳо қайдшуда ба расмият дароварда шудаанд;

16.7.4. Бар хилофи Қоидаҳои ҳаракат дар роҳ, ки бо санади меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудааст ҷойи ҳодисаи роҳу нақлиётро мондааст ё ин ки аз гузаштани мутобиқи тартиби муқарраршуда аз муоина оид ба муайян кардани ҳолати мадҳушӣ саркашӣ намудааст ё машруботи спиртӣ, маводи нашъаовар, психотропӣ ё дигар маводи мадҳушӣ пас аз ҳодисаи роҳи нақлиетро то гузаштани муоинаи мазкур ё ҳангоми қабули қарор дар бораи аз чунин моина озод кардан истеъмол намудааст;

16.7.5. Дар бораи ҳолатҳои сар задани ҳодисаи суғуртавӣ маълумоти нодуруст додааст;

16.7.6. ВН-ро барои азназаргузаронӣ пас аз таъмири мустақилонаи ҷузъҳои вайроншуда то қувваи эътибор пайдо кардани Шартномаи суғурта дар қисми ҷузъҳои зикргардида пешниҳод накардааст;

16.7.7. Суғуртакунандаро дар бораи фарорасии ҳодисаи суғуртавӣ дар мухлате, ки бо Қоидаи суғурта ва /ё Шартномаи суғурта пешбинӣ шудааст, огоҳ накардаст, агар исбот гардад, ки надоштани маълумоти Суғуртакунанда ба вазифаҳои ӯ оид ба анҷом додани пардохти суғуртавӣ таъсире расонида наметавонист;

16.8. Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад аз пардохти ҷуброни суғуртавӣ пурра ва ё қисман дар чунин ҳолатҳо даст кашад:

16.8.1. Агар ҳодисаи суғуртавӣ дар натиҷаи амали барқасдонаи Суғурташаванда, Фоидагиранда ё шахсе, ки ба идоракунии ВН суғурташуда роҳ дода шудааст, ба вуҷуд омадааст;

16.8.2. Агар Суғурташаванда ҳангоми бастаи Шартномаи суғурта ё дар рафти амалӣ он маълумоти бараъло бардурӯғ додааст, ки бевосита ва бавосита ба эҳтимолияти фарорасии ҳодисаи суғуртавӣ ва /ё андозаи он зарар таъсир расондааст;

16.8.3. Аз тарафи Суғурташаванда гирифтани ҷуброни дахлдори зарар аз шахсе, ки дар расонидани зарар ба ВН ва /ё таҷҳизоти иловагии он гунаҳкор мебошад;

16.8.4. Гузаронидани таъмир дар устохонае, ки худи Суғурташаванда бо мувофиқаи пешакӣ бо Суғуртакунанда интихоб нанамудааст, дар бораи ҳаҷму арзиши таъмири барқароркунӣ;

16.8.6. Ба Суғуртакунанда ВН вайроншударо барои азназаргузаронӣ то анҷом додани таъмир пешниҳод нанамояд;

16.8.7. Аз тарафи Суғуртакунанда муайян кардани маълумот, ки ВН суғурташуда бар хилофи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон харидорӣ шудааст ё ин ки тамғаи корхонаро надорад ё рақамҳои мушаххаси он иваз карда шудаанд ё барасмиятдарории гумрукиро нагузаштааст ё онро бо вайрон кардани тартиби муқаррарнамуда ё дар асоси ҳуҷҷатҳои сохтакоришуда гузаштааст; инчунин дар БДА дар асоси ҳуҷҷатҳои сохтакоришуда ба қайд гирифта шудааст;

16.8.8. Несту нобуд ё вайрон шудани ВН дар натиҷаи ҳодисае, ки тибқи Қоидаҳо суғуртавӣ намебошад;

16.8.9. Фарорасии ҳодисаи суғуртавӣ то қувваи эътибор пайдо кардани Шартномаи суғурта (Полис);

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

16.8.10. Барқасдона наандешидани чораҳои оқилонаю дастрас аз тарафи Суғурташаванда (Фоидагиранда) баҳри кам кардани зарари эҳтимолӣ;

16.8.11. Аз тарафи Суғурташаванда иҷро накардани уҳдадриҳои бо Қоида ва шартҳои Шартномаи суғурта пешбинишуда, ки ба имконнопазирии аз ҷониби Суғуртакунанда қабул намудани қарор дар бораи эътироф кардани ҳодисаи суғуртавӣ ва пардохти ҷуброни суғурта оварда расонидааст;

16.8.12. Агар Суғурташаванда ва ё Фоидагиранда аз ҳуқуқи худ оид ба даъво кардан нисбати шахсе, ки барои зиёни расонидашуда масъул мебошад даст кашад, ҷуброне, ки Суғуртакунанда бояд пардозад ё ба амал баровардани ҳуқуқи мазкур бо айби Суғурташаванда аз пардохти ҷуброни суғуртавӣ пурра ё дар қисми дахлдори он озод карда мешавад ва ҳуқуқ дорад баргардонидани маблағи изофа пардохтшудаи ҷубронро талаб намояд (таъминнашудаи ҳуқуқ оид ба пешниҳоди даъво нисбати шахсони гунаҳкор);

16.8.13. Ҷуброни суғуртавӣ дар ҳолате пардохта намешавад, агар ВН ба ҳабс гирифта ё мусодира шудааст ё объекти ягон муҷозоти мақомотҳои давлатӣ гардидааст;

16.9. Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад пурра ё қисман аз пардохти суғуртавӣ нисбати ВН дуздидашуда ва ё дуздида бурда шуда даст кашад, агар:

16.9.1. Суғурташаванда дару тиразаҳои ВН –ро ҳангоми таваққуф ё манъ кардани он ва ғоиб будани Ронанда кушода (бо қулф маҳкам накарда) монондааст;

16.9.2. Суғурташаванда дар даруни ВН ё дар ҷойҳои ба шахсони сеюм дастрас калидҳо ва/ё воситаои дастрасии он, ки дар шакли аз калид фарққунанда омода шудаанд ва/ё ҳуҷҷатҳои бақайдгирии ВН –ро (яке аз ҳуҷҷатҳои бақайдгирӣ) монондааст;

16.9.3. Суғурташаванда фаъолияти тиҷоратиро (бо мақсади ба даст овардани даромад) оид ба интиқоли шахсони сеюм ба сифати мусофирон ба амал баровард, ба Суғуртакунанда дар бораи бо чунин мақсад истифода бурдани ВН ба тариқи хаттӣ ҳангоми бастани шартномаи суғурта ё пас аз он, на дертар аз оғози фаъолияти мазкур хабар надодааст;

16.9.4. Дар сурати маҳдудияти иҷозати ронандагон барои идоракунии ВН, агар ҳуҷуми роҳзанӣ ё ғоратгарӣ ҳангоми идоракунии ВН аз ҷониби шахсе, ки тибқи Қоидаҳо ба идоракунии он роҳ дода нашудааст, ё ин ки дуздӣ (ҳай карда бурдан) аз ҷойи нигаҳдорӣ, истгоҳ, таваққуфгоҳи ВН ва ба амсоли онҳо, агар шахси мазкур ВН-ро ҳамон ҷо гузоштааст, содир шуда бошад.

16.10. Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад аз пардохти суғуртавӣ нисбати таваккали "Масъулияти гражданӣ ҳангоми истифодабарии ВН роҳ" дода шудааст бо талаботҳои даъвогии шахсони ҷабрдида нисбаташ бе ризоияти хаттӣ Суғуртакунанда розӣ шуда бошад.

16.11. Суғуртакунанда оиди даст кашидан аз пардохти ҷуброни суғуртавӣ қарор қабул намуда, дар ин бора Суғурташавандаро (Фоидагиранда, Шахси ҷабрдида) ба тариқи хаттӣ бо асосноккунии сабабҳои даст кашидан дар муддати 15 (понздаҳ) рӯзи тақвимӣ аз лаҳзаи аз Суғурташаванда гирифтани тамоми ҳуҷҷатҳои марбут ба ҳодисаи руҳдода ва аз ҷониби охирон иҷро кардани тамоми уҳдадориҳое, ки бо Шартномаи суғурта, Қоидаҳо пешбинӣ шудааст, огоҳ месозад.

16.12. Бо шартҳои Шартномаи суғурта дигар асосҳои даст кашидан аз пардохти суғуртавӣ, агар онҳо бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат нанамояд.

ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

## 17. БА СУҒУРТАКУНАНДА ГУЗАШТАНИ ҲУҚУҚИ СУҒУРТАШАВАНДА (ФОИДАГИРАНДА) ОИДИ ҶУБРОНИ ЗАРАР БА ШАХСОНИ СЕЮМ (РЕГРЕС)

17.1. Ба Суғуртакунанда, ки ҷуброни суғуртавиро нисбати ВН суғурташуда пардохтааст, дар доираи маблағи пардохтшуда ҳуқуқи пешниҳоди даъвоҳое, ки Суғурташаванда (Фоидагиранда) нисбат ба шахси гунаҳгор барои зиёни расонидашудаи дар натиҷаи суғуртакунӣ ҷубронгардида, мегузарад.

17.2. Суғурташаванда (Фоидагиранда) вазифадор аст ба Суғуртакунанда тамоми ҳуҷҷатҳою далелҳоро супорад, тамоми чораҳоро андешад, тамоми маълумотҳоро, ки барои ба амалбарории ҳуқуқи пешниҳоди даъво нисбати шахсони гунаҳкор заруранд хабар расонад. Дар сурате, агар Суғурташаванда (Фоидагиранда) аз супурдани ҳуқуқи худ нисбати шахсе, ки барои зиёни расонидашуда, ки аз ҷониби Суғуртакунанда ҷуброн карда мешавад, масъул мебошад ё ин ки ба амал баровардани ҳуқуқи мазкур бо айби Суғурташаванда (Фоидагиранда) имконнопазир гардидааст, рад намояд, он гоҳ Суғуртакунанда аз пардохти ҷуброни суғуртавӣ пурра озод карда мешавад.

17.3. Агар Суғурташавнда (Фоидагиранда) аз шахсони сеюм ҷубронро барои зарари расонидашуда гирифта бошад, он гоҳ Суғуртакунанда танҳо фарқияти маблағи бо шартҳои Шартнома ва Қоидаҳо пешбинишуда ва аз шахсони сеюм гирифташударо мепардозаду халос.

## 18.СУҒУРТАИ ДУКАРАТА

18.1. Суғурташаванда (Фоидагиранда) уҳдадор аст Суғуртакунандаро бо тариқи хаттӣ дар бораи тамоми Шартномаҳои суғурта, ки нисбати объекти суғурташуда аз рӯи айнан ҳамин таваккал бо дигар ширкатҳои суғуртакунӣ бастааст, огоҳ намояд. Ҳамзамон Суғурташаванда (Фоидагиранда) вазифадор аст номгуи дигар ширкатҳои суғуртакунӣ, объектҳои суғурта ва андозаи маблағи суғуртавиро дарҷ намояд.

18.2. Агар дар лаҳзаи рух додани ҳодисаи суғуртавӣ нисбати объекти суғурташуда дигар Шартномаои суғурта аз рӯи тавакали айнан ба ҳамин монанд амал намоянд, онгоҳ Суғуртакунанда ҷуброни зарарро ба андозаи маблағи суғуртавии аз рӯи Шартномаи басташудаи Суғурташаванда мутаносибан ба маблағи умумии тамоми Шартномаҳое, ки нисбати объекти мазкур баста шудааст, мепардозад.

18.3. Агар бастани якчанд Шартномаи суғурта нисбати объекти аз рӯи таваккали айнан ба ҳамин монанд суғурташуда ба маблағе, ки арзиши суғуртавии он барзиед мебошад (аз рӯи шартнома бо Суғуртакунанда басташуда) натиҷаи амали барқасдонаи Суғурташаванда гардидааст, Суғурташаванда ҳуқуқ дорад беэътибор донистани Шартнома ва баргардонидани ҷуброни зарари бо ин расонидашударо тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон талаб намояд.

## 19. ТАРТИБИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРОТУ ИЛОВАҲО БА ШАРТНОМАИ СУҒУРТА

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

19.1.Тағйир додани Шартнома танҳо бо созиши тарафайн имконпазир мебошад, агар дигар шарт бо Шартномаи суғурта пешбинӣ нашуда бошад.

19.2. Созиш дар бораи тағйир додан ё қатъ кардани Шартнома дар шакли амсоли Шартномаи суғурта сурат мегирад, агар дигар шартҳои бо қонун, дигар санадҳои ҳуқуқӣ, шартнома ё урфу одати мубодилаи касбӣ пешбинӣ нашуда бошад.

19.3. Дар сурати ворид кардани тағйирот ба Шартномаи суғурта уҳдадориҳо низ тағйирёфта эътироф шуда қувваи эътибори худро аз рузи бастани созиши тарафайн дар бораи тағйир додан ё қатъ кардани Шартнома пайдо мекунад, агар дигар ҳолат бо созиш ё хусусияти тағйирёбии Шартнома пешбинӣ нашуда бошад.

## 20. ТАРТИБИ БАРРАСИИ БАҲСҲО

20.1. Баҳсҳое, ки аз Шартномаи суғурта, ки дар асоси Қоидахо баста шудааст, ба миён меоянд бо тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаллу фасл карда мешаванд.

20.2. Дар сурати ба миён омадани баҳс дар бораи сабабу андозаи зарар, ҳар як тараф ҳуқуқ дорад гузаронидани ташхисро талаб намояд. Ташхис аз ҳисоби тарафе, ки гузаронидани чунин ташхисро талаб намудааст, сурат мегирад. Агар ташхис аз ҳисоби Суғурташаванда анҷом ёбад ва натиҷтаи он аз тарафи Суғуртакунанда эътироф гарданд, онгоҳ охирин ба Суғурташаванда хароҷоти қайдшударо ҷуброн менамояд. Ҳамзамон андозаи умумии ҷуброн набояд аз андозаи масъулияти Суғуртакунанда дар лаҳзаи ҳодисаи суғуртавӣ барзиёд бошад.

20.3. Талаб дар бораи пардохти ҷуброни суғуртавӣ (пардохти суғуртавӣ) нисбати Суғуртакунанда тибқи мухлати бо Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраргардида пешниҳод карда мешавад.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT